Дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ба ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти ҳокимияти судии Тоҷикистон асарҳои муаллифони зерин бахшида шудааст: Х.М. Ғафуров «Низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ)» (2006 сол) [36], С.А. Ҷӯраев «Хусусиятҳои ташкили низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2007 сол) [38], З.Х. Искандаров «Меъёрҳои байналмилалии истеҳсолоти судии одилона» (2012 сол) [16], К.Ҳ. Солиев «Фаъолияти ҳуқуқшарҳдиҳии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаи умуминазарӣ» (2004 сол) [45], К.Н. Холиқов «Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон: вижагиҳои муносибатҳо» (2011 сол) [33, с. 99-105], И.Р. Шодиев «Рушди низоми судӣ дар Тоҷикистон» (2010 сол) [48], З.М.

Ярашев «Таърихи ташаккули низоми нави судии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2011)» (2011 сол) [49], Ф.Н. Абдуллозода «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди Судҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия: давраи шуравӣ ва пасошуравӣ (таҳлили муқоисавии таърихӣ-ҳуқуқӣ)» (2020 сол) [50], Ҳ.М. Мирзамонзода «Асосҳои ҳуқуқи конститутсионии ташкил ва фаъолияти ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон: мушкилоти назария, танзими қонунгузорӣ ва амалия» (2021 сол) [43], Н.М. Обидова «Ҳуқуқи шаҳрвандон ба ширкат дар иҷрои адолати судӣ: таҳқиқоти назарӣ-ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи конститутсионӣ» (2021 сол) [52], С.А. Завқизода «Интихоб, омодасозӣ ва такмили ихтисоси судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назарӣ-амалӣ ва ташкилӣ-ҳуқуқӣ» (2022 сол) [40].

Ҳамзамон, дар таҳқиқоти рисолаҳои мазкур на ҳама ҷанбаҳои масъалаҳои баррасишаванда инъикос ёфтаанд. Дар баробари ин, таҳқиқоти илмии бунёдии назарӣ, ки дар он масъалаҳои мазмун ва моҳияти ҳуқуқии ҳокимияти судӣ муназзам ба миён гузошта мешавад, хусусиятҳои институтсионалӣ ва марҳилавии (инстансионӣ) он, заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти мақомоти судӣ, механизмҳои амалисозии ваколатҳои мақомоти судӣ дар таъмини ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс ва роҳҳои такмили онҳо дар айни замон дар Тоҷикистон мавҷуд нестанд.

Рисолаи мазкур нахустин таҳқиқоти илмии дорои хусусияти бунёдӣ буда, дар он ба ҷаври муназзам масъалаҳои мазмун ва моҳияти судҳои тобеияти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусиятҳои институтсионалӣ ва марҳилавии он, пояҳои ҳуқуқии фаъолияти мақомоти судӣ, механизмҳои амалисозии ваколатҳои мақомоти судӣ дар таъмини ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳои шахс ва роҳҳои такмили онҳо баррасӣ шудаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Рисолаи илмии мазкур дар доираи татбиқи нақшаи

дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Проблемаҳои такмили назария ва амалияи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ҳуқуқи мурофиаи гражданӣ, мурофиа дар судҳои иқтисодӣ, фаъолияти прокурорӣ, омӯзиши ҷинояткорӣ ва коркарди роҳҳои пешгирии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020», инчунин, «Масъалаҳои инкишофи назария ва такмили амалияи ҳуқуқи мурофиавӣ, таҳкими ҳокимияти судӣ, самаранокии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолияти дигар оид ба ҳифзи ҳуқуқ, омӯзиши ҷинояткорӣ ва коркарди роҳҳои пешгирии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» анҷом дода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** аз таҳияи асосҳои назарии ташкил ва фаъолияти судҳои тобеияти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳи махсус ба механизмҳои ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мебошад. Таҳқиқоти мо фарогири ҷанбаҳои таҷдидии дастгоҳи сохторӣ-функсионалии мақомоти судӣ буда,ба боло бурдани самаранокии ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳои ҳар як шахс нигаронида шудааст.

Дар заминаи таҳқиқот имкониятҳои такмили қонунгузории амалкунанда ва татбиқи амалии он баҳогузорӣ ва баррасӣ мегардад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо вазифаҳои калидии зайл пешниҳод мешаванд:

– тавсифи унсурҳои асосии ташкили судҳои тобеияти умумӣ ва дар асоси онҳо муайян кардани мафҳуми ин судҳо;

– муайян кардани моҳияти ҳуқуқии низоми судҳои тобеияти умумӣ ва баррасии механизмҳои иҷрои онҳо;

– ошкор намудани вижагиҳои ҳамкории мақомоти ҳокимияти судӣ бо дигар соҳаҳои ҳокимият, мушаххас

кардани нақши ҳокимияти судӣ дар низоми тақсимоти ҳокимият;

– асоснок кардани нақши калидии асосҳои ҳуқуқи конститутсионии ташкил ва фаъолияти судҳои тобеияти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– мушаххас кардани ҷойгоҳи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар танзими ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти судҳо;

– муайян кардани унсурҳои асосии моҳияти мақоми ҳуқуқии судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– мушаххас кардани нақши Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми судҳои тобеияти умумӣ;

– ошкор намудани вижагиҳои фаъолияти судҳои вилоятӣ ва судҳои бо онҳо баробарҳуқуқ, судҳои ноҳиявӣ ва шаҳрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян кардани асосҳои мурофиаи судӣ дар суди марҳилаи аввал;

– муайян кардани натиҷаҳои ислоҳоти гузаронидашудаи судиву ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон;

– пешниҳод кардани самтҳои дурнамои рушди қонунгузорӣ дар соҳаи мукаммалгардонии ташкил ва фаъолияти судҳо;

– ошкор намудани мушкилоти танзими ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти судҳои тобеияти умумӣ ва мушаххас кардани роҳҳои ҳалли онҳо, таҳияи пешниҳоду тавсияҳои мушаххас оид ба боло бурдани самаранокии фаъолияти судҳои тобеияти умумӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба сифати объекти таҳлил муносибатҳои ҷамъиятие дониста мешавад, ки зери ваколати меъёрҳои ҳуқуқӣ қарор гирифта, сохтор ва фаъолияти судҳои тобеияти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистонро танзим мекунанд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба омӯзиши нақши онҳо дар амалисозии адолати судӣ, сохтори ташкилӣ ва танзими меъёрии ҳуқуқӣ нигаронида шудааст.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** аз санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти судҳои мазкурро танзим мекунанд, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки ба ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳои шахс, ки аз ҷониби Тоҷикистон қабул ва тасдиқ шудаанд, инчунин корҳои назарӣ ва таҳқиқотии марбут ба низоми судӣ ва мурофиаи судӣ, аз ҷумла таҷрибаи хориҷӣ дар ин самт иборат мебошанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Макони таҳқиқот кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсияи мазкур кори мустақилонаи илмию тахассусиест, ки муаллиф тули солҳои 2015-2025 анҷом дода, аз ду марҳила иборат аст.

Дар марҳилаи аввал (солҳои 2015-2020) захираҳои илмию иттилоотӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқотӣ ба низом дароварда шуда, аз ҷониби шурои олимон тасдиқ гардидааст.

Дар марҳилаи дуюм (солҳои 2021-2025) ҳадафу вазифаҳои гузошташуда иҷро гардидаанд. Доир ба мавзуи таҳқиқотӣ мақолаҳои илмӣ ба табъ расонида шуда, диссертатсия омода карда шуд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, маҷмуи асарҳои назариявӣ ва амалиявӣ дар самти проблемаҳои асосии доктринаи ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти судҳо, вобаста ба мавзуи таҳқиқшаванда ва асарҳои олимони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла, С.Р. Абдулин, Ф.Н. Абдуллозода, Е.Б. Абросимов, В.И. Анишин, Н.А. Власенко, Л.А. Воскобитов, А.А. Герасимов, В.В. Гребенников, Л.Ю. Грудтсина, С.Л. Дегтярев, Г.Т. Ермошин, В.В. Ершов, В.М. Жуйков, С.А. Завқизода, А.Ф. Изварин, З.Х. Искандаров, В.П. Кашепов, Н.А. Колоколов, М.Ф. Косолапов, В.М. Лебедев, Ҳ.М.

Мирзамонзода, Т.Н. Нешатаев, Н.М. Обидова, А.А. Огадзе, В.И. Радченко, В.А. Ржевский, Б.В. Сангаджиев, К.Ҳ. Солиев, М.С. Строгович, В.А. Терехин, В.Н. Тсиганаш, А.П. Фоков, К.Н. Холиқов, Н.М. Чепурнов, С.А. Ҷӯраев, И.Р. Шодиев, Б.С. Эбзеев, З.М. Ярашев омӯхта шудаанд, ки аҳаммияти калони назариявӣ доранд.

Олимони мазкур барои таҳлил намудани проблемаи мазкур заминаи муносиби назариявӣ фароҳам овардаанд. Илова бар ин, асоси назариявии таҳқиқотро нашрияҳои илмии захираҳои электронии интернетӣ, ки ба масъалаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти судҳои тобеияти умумӣ бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Усулҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз маҷмуи роҳу равишҳое иборатанд, ки тавассути онҳо ташкили сохториву функсионалии судҳои тобеияти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, механизмҳои амалисозии адолати судӣ, заминаҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ташкил ва фаъолияти судҳои Точикистонро танзим мекунанд, баррасӣ карда мешаванд.

Ҳангоми омода кардани диссертатсия аз усулҳои фалсафӣ ва умумиилмии зерин истифода гардид: диалектикӣ, шаклӣ-мантиқӣ, таърихӣ, системавӣ, функсионалӣ. Инчунин усулҳои махсуси илмӣ, аз ҷумла, усулҳои махсуси ҳуқуқӣ: оморӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ низ ба кор бурда шуд.

**Заминаҳои эмпирикии** диссертатсия ба қарорҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар мақомоти судии тобеияти умумӣ ва маълумотҳои омории фаъолияти мақомоти судии Тоҷикистон асос ёфтааст.

Асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии таҳқиқоти диссертатсиониро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва ба тасвиб расидааст ва дигар санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқии моддӣ ва мурофиавӣ, аз ҷумла қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди

Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои қонунгузорӣ, аз ҷумла манбаъҳои хориҷии меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқии зерқонунӣ ташкил додаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот**. Рисолаи мазкур аз ҷиҳати тавсифи илмии худ нахустин таҳқиқоти бунёдии назарии ташкил ва фаъолияти низоми судҳои тобеияти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Дар заминаи таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф **нуктаҳои зерини илмӣ-назарӣ** барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад:

1. Муаллифи рисола муносибати худро дар бораи барномаи амалисозии ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд муайян мекунад, ки дар шарҳи он аз нуқтаи назари муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар раванди фаъолияти мақомоти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахс ба вуҷуд меояд, баён гардидааст. Зоҳиран пешниҳоди барномаи ҳимояи судӣ на ҳамчун маҷмуи фаъолиятҳои мурофиавӣ, ки аз ҷониби мақомоти судӣ дар заминаи муқаррароти қонунӣ баррасӣ мешавад, балки ҳамчун як институти умумиҳуқуқии ҷамъиятӣ тавассути фаъолияти мушаххаси муассисаҳои судӣ дар доираи шаклҳо ва усулҳои муайяни қонунгузорӣ амал мекунад. Ба андешаи муаллифи рисола, чунин муносибат имкон медиҳад табиати иҷтимоӣ-ҳуқуқии барномаи ҳимояи судӣ ошкор ва нақши бунёдии он дар таҳкими давлати ҳуқуқӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ таъйид карда шавад.

2. Муҳаққиқи рисола пешниҳод менамояд, ки низоми судҳои тобеияти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ниҳодҳои калидии давлати ҳуқуқӣ мебошад, ки дар амал татбиқ кардани барномаи ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро на танҳо тавассути иҷрои намудҳои анъанавии мурофиаҳои судии кишвар (ҷиноятӣ, граждани, оилавӣ ва инчунин парвандаҳо оид ба

ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ), балки дар раванди иҷрои вазифаҳои умумидавлатӣ оид ба тарбияи ҳуқуқӣ, маърифатӣ ва баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути дигар шаклҳо ва усулҳо, ки аз анъанавӣ фарқ мекунанд ва дар рафти татбиқи адолати судӣ истифода мешаванд, таъмин менамояд. Татбиқи чунин шаклҳои маърифативу тарбиявӣ, ки судҳои тобеияти умумии кишвар иҷро мекунанд, ба таври назаррас аҳаммияти иҷтимоии ҳокимияти судиро васеъ мекунад ва дар баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба низоми ҳуқуқи давлатии кишвар кумак мерасонад.

3. Судҳои тобеияти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар механизмҳои таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ва суботи иҷтимоии давлат ба сифати як унсури муҳим дар низоми тақсимоти ҳокимият ва ҳамкорӣ бо шохаҳои ҳокимияти қонунгузорӣ ва иҷроия, инчунин бо институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мавқеи асосиро ишғол мекунанд. Ба андешаи муаллифи рисола, вазифаи асосии ҷамъиятӣ ва давлатии судҳои тобеияти умумӣ ҳалли одилонаи ҳолатҳои мухталифи мунокишаҳо дар майдони ҳуқуқӣ аст, ки миёни шаҳрвандон, шаҳрвандон ва давлат, инчунин миёни мақомоти гуногуни давлатӣ ба вуҷуд меояд, ки мутобиқи меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳо сурат гирифта, ҳамзамон мувозинати манфиатҳоро дар ҷомеа ва фаъолияти самараноки давлат таъмин мекунад. Дар баробари ин татбиқи адолати судӣ ва фаъолияти судҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқ ба риояи қатъии принсипҳои қонуният, беғаразӣ ва объективизм асос меёбад. Ҳадафи ниҳоӣ ва умумии чунин ҳамкории судҳо, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ташкили шароити рушди устувор ва мутаносиби ҷомеа ва умуман давлат мебошад.

4. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ унвонҷу таъкид мекунад, ки маҷмуи принсипҳои конститутсионӣ барои ташаккули моҳият ва хусусияти фаъолиятҳои судӣ

аҳаммияти муайянкунандагӣ дорад ва бештар дар низоми судҳои тобеияти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурратар ифода меёбад. Муҳаққиқ таснифоти дақиқи принсипҳои мазкурро бар асоси хусусият ва самти функсионалии онҳо пешниҳод намуда, онҳоро ба се гурӯҳ ҷудо мекунад: принсипҳои универсалии ташкил ва фаъолияти мақомоти давлатӣ, ки хос барои тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар ҷумҳурӣ мебошанд; принсипҳои махсус, ки танҳо барои ҳокимияти судӣ хос мебошанд; принсипҳое, ки мақоми конститутсионӣ-ҳуқуқии судяҳоро ҳамчун субйектҳои махсуси намояндагони ҳокимияти судӣ муайян менамоянд. Чунин таснифоти принсипҳо, ба ақидаи муҳаққиқ, муносибати бештари маҷмуӣ ва бонизомро дар муайян кардани моҳияти ҳокимияти судӣ ва намояндагони бевоситаи он - судяҳо таъмин менамояд, ки ин имкон медиҳад, то накш ва ҷойгоҳи онҳо дар сохтори давлат ва ҳаёти ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас карда шавад.

5. Муаллифи диссертатсия дар мавқеи худ ба ин далел устувор аст, ки дар раванди сохтмони давлат ва ташаккули низоми судҳои тобеияти умумии Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон меъёр ва стандартҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дарк ва қабули амиқу бонизоми худро ёфтааст. Ба таъбири муаллиф, таъмини меъёрии ҳуқуқии онҳо дар қонунгузории дохилидавлатӣ, афзалияти шартномаҳои байналмилалии тасдиқшударо нисбат ба санадҳои миллӣ, ҳамчунин пайравӣ ба принсипҳои байналмилалии эътирофшуда ва меъёрҳои ташкил ва татбиқи фаъолияти судӣ ба таҳкими мустақилият, беғаразӣ ва адолати судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад. Ин дар навбати худ сатҳи баландтари ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро дар низоми судҳои тобеияти умумии ҷумҳурӣ, ки ба талабот ва равандҳои ҷаҳонӣ мутобиқ аст, таъмин, инчунин садоқати давлат ва ҷомеаи тоҷикро нисбат ба арзишҳои ба ҳуқуқи инсон афзалияти олӣ додашуда таъйид мекунад.

6. Муҳаққиқи рисола собит месозад, ки мақоми конститутсионӣ-ҳуқуқии судяҳо бояд ҳамчун як категорияи ҳуқуқии маҷмуӣ, ки унсурҳои муттаҳидсозандаи ба ҳам алоқаманд ва якдигарро комилкунандаи ҳуқуқҳо, ухдадориҳо, масуният (кафолат) ва масъулияти судяҳоро дар бар мегирад, ба назар гирифта шавад. Маҳз чунин як муносибати бонизом самарабахшӣ, беғаразӣ ва истиқлоли судяҳоро дар амалишавии ваколатҳо ва вазифаҳои иҷтимоии давлатӣ дар таъмини адолати судӣ, риояи қонуният ва дастгирии адолати иҷтимоӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон таъмин мекунад. Муаллиф таъкид мекунад, ки мутаносибӣ ва мувозинат миёни мустақилияти судяҳо ва масъулияти онҳо дар назди ҷомеа ва давлат як модели (амсилаи) дурусти ҳокимияти судиро ташкил медиҳад, ки ба афзудани эътимод ба адолат ва таҳкими принсипи қонуният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

7. Назари муаллифи рисола ба консепсияи иерархияи (силсиламаротиби) судӣ дар низоми судҳои тобеияти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сохтори меъёришудаи низоми судҳо мушаххас аст, ки дар он мақомоти судӣ дар доираи муайяни ваколатҳои худ дар чорчубаи низоми ягонаи судии давлат ҳамкорӣ карда, ҳамзамон вазифаи барои ҳама умумӣ – таҳкими ҳамаҷонибаи қонуният ва муқаррар кардани адолати иҷтимоӣ тавассути Конститутсияро анҷом медиҳанд. Ба андешаи муаллиф, аломати фарқкунандаи иерархия дар он аст, ки вобаста ба гузариш ба мақомоти баландпояи судӣ, ваколатҳои онҳо васеъ мешаванд, инчунин аҳаммияти вазифаҳои назоратӣ ва ташкилию тақсимотии онҳо зиёд мегардад.

8. Бо далелҳои мантиқӣ хулоса карда мешавад, ки сохтори иерархӣ дар низоми судҳои тобеияти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо принсипи асосии ташкилӣ, ки ягонагии таҷрибаи судиро таъмин мекунад ва ба сифати адолат таъсир мерасонад, балки кафили

муҳимми амалӣ шудани консепсияи ҳуқуқи шахс дар ҳимояи судӣ тавассути имконпазирии бознигарии мустақилона ва объективии қарорҳои судҳои поёнӣ мебошад. Муҳаққиқ иддао мекунад, ки иерархияи дақиқи судии меъёрӣ ва тафовути ваколатҳои мурофиавӣ миёни судҳои сатҳҳои гуногун дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шарти ногузири эътимоди шаҳрвандон ба ҳокимияти судӣ ва таҳкими принсипи муайяни ҳуқуқӣ дар кишвар мебошад.

9. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ хулосаҳои муаллиф дар бораи зарурати ворид намудани тағйирот дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки созмондиҳӣ ва фаъолияти мақомоти судиро танзим мекунад, бо дарназардошти ҳатмии принсипҳои далелноки илмӣ, самаранокӣ, маҷмуӣ, шаффофият ва асоснокии иқтисодӣ баён гардидаанд. Муаллиф бо далелҳо собит месозад, ки татбиқи ин принсипҳо дар идома додани ислоҳоти конститутсионӣ ва ҳуқуқи судӣ ва такмили қонунгузории миллӣ имкон медиҳад, то захираҳои маҳдуди кишвар самаранок ва оқилона истифода шаванд, мустақилияти ҳокимияти судӣ мустаҳкам гардад, шароити беҳтар барои гузаронидани мурофиаҳои боадолати судӣ фароҳам ояд ва ҳамчунин механизмҳои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон таҳким ёбад.

10. Дар диссертатсия андешаи муаллиф дар бораи консепсияи назорати судӣ ҳамчун як вазифаи махсуси мурофиавии судҳо, ки аз ҷониби мақомоти болоии судӣ нисбати мақомоти поёнии судӣ бо мақсади ошкор ва бартараф кардани хатоиҳо ҳангоми истифодаи меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ва мурофиавӣ оид ба парвандаҳои мушаххас амалӣ мешавад, пешниҳод гардидааст. Унвонҷу таъкид мекунад, ки ин фаъолияти назоратӣ асосан барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона шуда, бояд шомили санҷиши қарорҳои судӣ бошад, ки бо қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат кунад, зеро он дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчун

механизми асосии таъмини яксонӣ дар амалияи судии кишвар баррасӣ шудааст.

11. Дар диссертатсия таъкид шудааст, ки назорати судӣ танҳо бо фаъолияти мақомоти назоратӣ ва кассатсионӣ маҳдуд намешавад, балки ҳамчун механизми маҷмуӣ, ки тамоми майдони низоми судиро фаро мегирад, амал мекунад. Нақши калидии он дар ташаккулёбии амалияи судии ҳамоҳангшуда аст, ки тафсири якхела ва истифодаи меъёрҳои қонунгузории миллӣ ва байналмилалиро дар мақомоти поёнии судӣ таъмин месозанд. Муаллифи рисола ишора мекунад, ки дар доираи ин раванд мақомоти болоии судӣ тавсияҳои методӣ пешниҳод намуда, амалияи судиро ҷамъбаст мекунанд ва маълумоти оморӣ таҳлил менамоянд, то тамоюлҳо ва қонуниятҳоро дар фаъолияти судҳо ошкор созанд. Чунин фаъолияти назоратӣ ба баланд бардоштани сифати қарорҳои судӣ кумак мекунад ва эътимоди ҷомеаро ба ҳокимияти судӣ тақвият медиҳад, онро ба меъёрҳои ягонаи ҳуқуқӣ ва самаранокии адолати судӣ равона мекунад.

Дар асоси таҳқиқоти илмӣ мо **тавсияҳои амалии** зеринро пешниҳод мекунем:

1. Зарурати таҳия ва қабули қонуни махсуси Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷомеаи судяҳо» асоснок карда мешавад. Қонуни мазкур, ба андешаи муаллифи рисола, бояд принсипҳои асосии созмондиҳӣ, ҳадаф ва вазифаҳои ҷомеаи судяҳоро дарҷ кунад, тартиби ташкили онро муайян намояд, ваколатҳо ва дигар ҷанбаҳои фаъолияти онро ба танзим дарорад. Чунин ташаббуси қонунгузорӣ бояд кафолатҳои мустақилияти судяҳоро тақвият диҳад, муносибатҳои ягонаро нисбат ба ҳифзи манфиатҳои касбии онҳо фароҳам орад ва самаранокии умумии низоми судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро баланд бардорад.

2. Тавсия дода мешавад, ки ворид кардани механизми раъйдиҳии мардум ҳангоми ташкили мақомоти олии

судии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад аст. Чунин тартиби кор бар асоси принсипи мувозинати се шохаи ҳокимияти давлатӣ сурат мегирад, ки дар он раиси давлат ва аъзои Маҷлиси Олии кишвар тавассути овоздиҳии умумӣ интихоб мешаванд. Муаллиф пешниҳод мекунад, ки истифодаи ин раванд дар ҳайати судяҳои муассисаҳои олии судӣ ба таҳкими қонунияти (легитиматсия) демократии ҳокимияти судӣ, афзудани эътимоди ҷомеа нисбат ба низоми судӣ ва таъмини ҳамоҳангии мувозинати байни шохаҳои ҳокимияти давлатӣ кумак хоҳад расонд.

3. Пешниҳод мешавад, ки дар баробари танзими вазъи ҳуқуқии мақомоти олии ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия дар сатҳи конститутсионӣ, бо мақсади таъмини мувозинати онҳо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми Суди Олӣ дарҷ гардида, дар боби 8 Конститутсия моддаи алоҳидае дар таҳрири зерин ворид карда шавад: «Суди Олии Тоҷикистон мақомоти олии судӣ оид ба корҳои шаҳрвандӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ мебошад, ки назорати судиро дар шаклҳои мурофиавии муқарраркардаи қонун барои фаъолияти судҳои поёнӣ анҷом медиҳад ва дар масъалаҳои амалияи судӣ шарҳҳои ҳуқуқӣ пешниҳод мекунад».

4. Бо дарназардошти зарурати такмили самараноки қонунгузории миллӣ, бартараф кардани меъёрҳои ихтилофдор ва холигиҳо дар танзими ҳуқуқӣ, пешниҳод мегардад, ки ба моддаи 58 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иловаҳо ворид карда, дар боби 8 моддаи алоҳидае дарҷ гардад, ки он ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаққи ташаббуси қонунгузорӣ дар масъалаҳое, ки ба ихтиёри он дахл доранд, дода тавонад. Ин тадбир имкон медиҳад, ки сифату фаврияти раванди қонунгузорӣ дар соҳаи танзими ҳуқуқии судӣ баланд бардошта шавад, таҷдиди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба воқеиятҳои амалияи татбиқи ҳуқуқ суръат ёбад,

ба кафолати адолати судӣ барои шаҳрвандон ва ҷомеа тақвият бахшида шавад.

5. Бо мақсади таъмини якрангӣ дар амалияи судӣ, тақвияти принсипи ягонагии низоми судӣ, инчунин баланд бардоштани сарфаҷуйӣ ва самаранокии идоракунии давлатӣ дар соҳаи адолати судӣ, мувофиқи мақсад мебуд, агар Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии Иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаи ислоҳоти ҳуқуқии судӣ ва конститутсионӣ муттаҳид карда шаванд. Муттаҳид намудани мақомоти олии судӣ имкон медиҳад, ки сохтори ташкилотии он сода карда шуда, такрори ваколатҳо бартараф гарданд, сатҳи адолати судӣ аз ҳисоби муносибатҳои ягона дар тафсир ва татбиқи қонунгузорӣ баланд бардошта шавад, инчунин захираҳои молиявӣ, кадрӣ ва моддӣ-техникии давлат дар сатҳи зарурӣ мавриди истифода қарор гиранд.

6. Дар доираи такмили низоми ҳамкории байни мақомоти судӣ ва дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ пешниҳод мегардад, ки як ниҳоди нави мақомот бо номи «Шурои масъалаҳои ҳамкории ҳокимияти судӣ ва ислоҳоти он» таъсис дода шавад, ки он ҳамчун унсури ҳамоҳангсоз ва маслиҳатгар амал хоҳад кард. Вазифаи асосии он аз беҳтарсозӣ ва ба тартиб овардани равандҳои ҳамкории байни зерсохторҳои гуногуни низоми судӣ ва агентии ҳифзи ҳуқуқ иборат аст. Ҳадафи таъсис додани чунин Шуро баланд бардоштани самаранокӣ ва ҳамоҳангсозии амалҳо дар дохили адолати судӣ мебошад, ки дар навбати худ бояд ба беҳтар кардани сифати мурофиаи судӣ ва тақвияти эътимод аз ҷониби ҷомеа нисбат ба низоми судӣ мусоидат кунад.

7. Барои тақвият бахшидан ба мустақилият ва афзудани самаранокии низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маблағгузории судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия ва қабул карда шавад. Дар ин қонун бояд тартиби таъмини молиявии судҳо аз ҳисоби

маблағҳои буҷетӣ пешбинӣ ва механизми тақсимоти мустақили маблағҳои ҷудошуда ба воситаи мақомоти ҳокимияти судӣ дарҷ карда шавад. Чунин ташаббуси қонунгузорӣ ба таъмини дурусти моддӣ-техникии судҳо кумак расонда, таъсири хориҷиро ба фаъолияти молиявии онҳо бартараф сохта, шаффофияти хароҷоти захираҳои давлатиро, ки ба фаъолияти адолати судӣ нигаронида шудааст, баланд мебардорад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назарии таҳқиқот аз таҳияи барномаи усулан нави ислоҳоти мақомоти ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст. Дар ин ҷо самтҳои асосии функсионалии фаъолияти мақомоти судӣ ба сифати суди марҳилаи аввал, марҳилаҳои шикоятӣ (кассатсионӣ) ва назоратӣ ва фаъолияти ҳуқуқтавзеҳдиҳии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон таҳқиқ ва баррасӣ шудааст. Инчунин оид ба принсипҳои сохторӣ ва механизмҳои фаъолияти низоми судии Тоҷикистон мафҳумҳои нав мураттаб гардидаанд. Таҳлили амиқи заминаҳои ҳуқуқӣ гузаронида шудааст, ки фаъолияти мақомоти судӣ, тобеият ва ваколатҳои онҳо бар он асос мегирад. Таҳқиқоти мазкур фарогири арзёбии мутобиқати амали судҳо ба меъёрҳои эътирофшудаи байналмилалӣ мебошад. Дар матни омӯзиши ҳокимияти судӣ ба мақоми ҳуқуқӣ ва вазифаи назоратии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи махсус дода шудааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҷдид ва такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан дар ҷанбаҳои марбут ба сохтор ва фаъолияти судҳои дорои ваколати умумӣ инъикос гардидааст. Аз ҷумла, натиҷаҳои мазкур дар раванди ислоҳоти Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳамоҳанг карда шудаанд. Хулоса ва тавсияҳои таҳлилӣ, ки дар ин рисола пешниҳод шудааст, дар нақшаҳои стратегии Барномаи

ислоҳоти судии ҳуқуқӣ барои солҳои 2015-2017 ва 2019-2021 мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки ин саҳми онҳоро дар таҳаввулоти низоми ҳуқуқии кишвар тасдиқ мекунад.

Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсиониро метавон дар раванди таълим, ҳангоми омӯзиши фанни «Мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар курсҳои махсуси «Ташкил ва фаъолияти ҳокимияти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон» истифода кард. Ҳамчунин имкон дорад дар раванди таълим дар мактабҳои олӣ фанни нави ҳуқуқ бо номи «Ҳуқуқи судии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷорӣ карда шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти** диссертатсионӣ бо хусусияти маҷмуии кори илмӣ, истифодаи мутаносиби усулҳои гуногуни маърифати илмӣ, заминаи бунёдии назарӣ ва маҷмуи асосҳои меъёрию эмпирикии (таҷрибавии) пажуҳишҳои илмӣ таъмин карда мешавад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи мазкур ба шиносномаи ихтисоси илмии 12.00.11 – Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ бевосита аз ҷониби муаллиф иҷро шудааст, дар он бар асоси пажуҳишҳои илмӣ муқаррароти назарии дахлдор таҳия намудааст ва дар маҷмуъ онро метавон ҳамчун ҳалли мушкилоти асосии илмии дорои аҳаммияти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ ихтисос дод. Татбиқи муқаррароти илмӣ метавонад дар рушди илм ва амалияи ташкил ва фаъолияти ҳокимияти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми калон дошта бошад. Ин таҳқиқоти диссертатсионӣ бандубасти комили дохилӣ дошта, фарогири муқаррарот

ва натиҷаҳои нави илмӣ, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, мебошад, ки он дар навбати худ аз ҳиссаи назарраси шахсии муаллиф дар илми ҳуқуқшиносӣ гувоҳӣ медиҳад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Ба нақшаи чорабиниҳои Барномаи ислоҳоти судии ҳуқуқии барои солҳои 2015-2017 пешбинишуда, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2015, №327 тасдиқ шудааст, пешниҳодҳои алоҳидаи илмии марбут ба такмили ташкил ва фаъолияти ҳокимияти судии Тоҷикистон ворид карда шудаанд. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти мазкур ба лоиҳаи Барномаи ислоҳоти судии ҳуқуқии барои солҳои 2019-2021 пешбинишудаи Тоҷикистон дохил карда шудаанд.

Инчунин пешниҳодҳои амалӣ замина барои ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қонуни конститутсионии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» гардиданд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии кори таҳқиқотӣ дар 36 мақолаи илмӣ, аз ҷумла дар 17 нашрияи илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидааст. Ҳамчунин, муаллиф монография нашр кардааст: «Вазъи ҳуқуқии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъият ва дурнамо» (Душанбе, 2015), «Такмили ҳуқуқ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият» (дар ҳаммуаллифӣ, Душанбе, 2015), «Дастуруламали коргузорӣ дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 2018), «Асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти судҳои салоҳияташон умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо забони русӣ)» (Душанбе, 2025).

Муқаррароти таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулосаҳои асосии муаллиф дар конфронсҳои байналмилалӣ ва илмию амалӣ, семинарҳо дар Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2015-2024), дар Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон

(2017-2019), Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ (2015-2024), Донишгоҳи дӯстии халқҳои Русия (2017-2025) дар шакли гузориш ва маърузаҳо пешниҳод шудааст.

Инчунин, мавзуи таҳқиқ дар раванди тадриси фанҳои таълимии «Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон таъкид карда шуд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, чор боб, чордаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, аз ҳадафҳо, вазифаҳо ва моҳияти таҳқиқоти диссертатсионь бар меоянд. Ҳаҷми диссертатсияро 360 саҳифа ташкил медиҳад.

Диссертатсия дар ҳаҷми мутобиқ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ (ФИШУРДА)

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқотӣ асоснок карда шуда, дараҷаи коркарди илмии он, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, предмет ва обйекти он муайян, дар бораи заминаҳои назарӣ, меъёрӣ ва таҷрибавии таҳқиқот иттилоот дода мешавад. Муаллиф инчунин дар муқаддима навгонии илмии рисолаи таҳқиқотиро ошкор намуда, муқарраротиро барои дифоъ пешниҳодшударо мураттаб сохта, оид ба таъйиди натиҷаҳои илмӣ маълумот медиҳад.

**Боби аввал «*Асосҳои назарӣ ва ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти судҳои тобеияти умумӣ дар Тоҷикистон*»** унвон дорад, ки аз чор банд иборат буда, ба омӯзиши заминаҳои назарӣ ва ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти судҳои тобеияти умумии Тоҷикистон, муайян намудани мафҳум ва унсурҳои асосии тавсифкунандаи ташкили судҳои мазкур,

мушаххас кардан ва тавсиф додани хосиятҳои институтсионалию маъмурии онҳо, инчунин ҳамкории ҳокимияти судӣ бо дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шахс бахшида шудааст.

Дар банди аввали боби аввал таҳти унвони «***Мафҳум ва унсурҳои асосии тавсифкунандаи ташкили судҳои тобеияти умумӣ дар Тоҷикистон»*** дар асоси таҳлили равишҳои илмии мавҷуд муаллиф мазмуни консептуалии мафҳуми «ҳокимияти судӣ»-ро таҳқиқ карда, таърифи онро баён мекунад, ки аз тариқи хислатҳо, сифатҳо ва аломатҳои хоси ба ҳам тавъами он ошкор мегардад.

Ҳокимияти судӣ як қисми мустақили механизми давлатӣ буда, дар асоси муқаррароти конститутсионӣ ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» якҷо бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амал мекунад. Беназир будани ин шохаи ҳокимияти давлатӣ дар принсипхои ташкил ва корбурди он зоҳир мегардад, ки тавассути низоми ягонаи судӣ, аз ҷумла судҳо ва дастгоҳи судӣ амалӣ карда мешавад. Вазифаи калидии низоми судӣ ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои ҳар як фарди ҷомеа, таҳкими тартиботи қонун ва пешбурди адолати иҷтимоӣ мебошад, ки ба воситаи доираҳои мурофиавӣ дар соҳаҳои гуногуни мурофиаи судӣ, аз ҷумла конститутсионӣ, гражданӣ, оилавӣ, иқтисодӣ, адолати ҷиноӣ ва маъмурӣ татбиқ мегардад.

Муаллиф дар таҳқиқоти худ таҳлили муфассали вазифаҳои асосии судҳои тобеияти умумии Тоҷикистонро, ки умуман ба таъмини ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нигаронида шудаанд, анҷом додааст. Ба ақидаи муаллиф, адолат муҳимтарин ва бузургтарин ҷузъи амалисозии ваколатҳои судҳо, унсури асосии фаъолияти функсионалии онҳо мебошад, ки фаъолияти мақоми мустақил ва худмухтори судӣ (судя)-ро оид ба баррасӣ ва ҳаллу фасли парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ ва дигар категорияҳои парвандаҳои марҳилаи аввал, бо тартиби шикоятӣ, назоратӣ ва дар

асоси ҳолатҳои нав ошкоршуда барои ҳадафҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ ифода мекунад.

Дар банди дувуми боби аввал таҳти унвони ***«Нақши судҳои тобеияти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини адолат»*** таъкид шудааст, ки ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шахс аз роҳҳои гуногун амалӣ мегардад, вале маъмултарин ва муассиртарин роҳ ҳимояи судӣ аст. Дар шароити ҷомеаи демократӣ ва низоми ҳуқуқии давлат ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии ҳар як фарди ҷомеа, ки тавассути ҳокимияти судӣ ҳимоя карда меша-ванд, аҳаммияти аввалиндараҷа касб мекунанд. Низоми судӣ ҳамчун кафили ин арзишҳои бунёдӣ зуҳур мекунад.

Дақиқан собит карда мешавад, ки самти асосии фаъолияти судҳои тобеияти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимояи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии шахс мебошад, ки қонуният ва адолат дар ҷомеа ва умуман ғояи давлати ҳуқуқӣ ба самаранокии онҳо вобастааст. Зери мафҳуми муҳофизати судӣ муроҷиати шахс ба суд бо мақсади ҳимоя, барқарор кардани ҳуқуқи поймолшуда ё баҳсбарангез, инчунин манфиати қонунии вай бояд фаҳмида шавад. Фаъолияти судҳо бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз маҷмуи амалҳои ҳадафманд, муназзам ва мурофиавӣ оид ба баррасии бевосита ва ҳалли парвандаи мушаххас ё баҳси ҳуқуқӣ ва дар ниҳоят қабули санади судӣ иборат аст, ки ба талаботи қонуният, адолат ва воқеият ҷавобгӯ мебошад.

Ҳимояи судии ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шахс падидаи серпаҳлуи мураккаби бисёринститутсионалӣ буда, имкон медиҳад тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун инсон ва шаҳрвандро аз худсариҳо ҳимоя ва ҳифз кунад, ҳуқуқҳои поймолшуда ва баҳсбарангези онҳоро барқарор намояд ва тавассути фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ монеи содир шудани ҷиноятҳои нав гардад.

Муаллиф собит мекунад, ки ҳимояи судиро метавон дар маънои васеъ ва маҳдуд ва ё ба тартиби алоҳидаи судӣ

дарк кард. Дар маънои васеи ин вожа ҳимояи судӣ – ин як падидаи мураккаби ҳуқуқӣ ва мафҳуми серпаҳлуест, ки ба соҳаи мушаххаси ҳуқуқ дахл надорад. Вале, ба ин ё он шакл ҳимояи судӣ ҳамчун восита ва механизми ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар тамоми риштаҳои қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон ба назар гирифта шудааст. Ва ё ҳимояи судӣ бояд ҳамчун институти ҳуқуқии мустақил, ки маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад, баррасӣ карда шавад. Ин меъёрҳо чаҳорчуби тартиби танзими муносибатҳои ҷамъиятиро, ки дар доираи амалиёти мурофиаи судӣ қарор доранд, муайян намуда, ба ин васила тартиботи ҳуқуқӣ ва адолати судиро таъмин менамоянд. Дар маънои маҳдуд ҳимояи судиро бояд ҳамчун муносибатҳои ҳуқуқии байни инсон ва давлат баррасӣ кард, ки дар он ҳар шахс метавонад ба мақомоти судӣ бо мақсади ҳимоя ва барқарор кардани манфиатҳои худ муроҷиат намояд, давлат бошад, дар шахси як шохаи алоҳидаи ваколатдори ҳокимият – суд – ухдадор аст мутобиқи қонун барои таъмини амнияти онҳо чораҳо андешад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои мазкур метавон ба чунин хулоса омад, ки ҳимояи судӣ яке аз муҳимтарин ва зарууртарин механизмҳои ҳифозати ҳуқуқии шахс, дар баъзе мавридҳо ҳатто ягона роҳи ҳимояи ҳуқуқии инсон мебошад.

Дар банди севуми боби аввал бо номи ***«Тавсифи институтсионалӣ ва марҳилавии судҳои тобеияти умумӣ дар Тоҷикистон»*** таҳлили комили вижагиҳои сохторӣ ва функсионалии ниҳодҳои судии марбут оварда шудааст. Таҳқиқоти мо ҷанбаҳои калидие аз қабили фаъолияти суд, ваколатҳои он, муҳокимаҳо, механизми сохторӣ ва ташкили зинаи низоми судиро фарогир аст, ки барои дарки дурусти амалиётҳои он замина фароҳам меорад.

Сохтори низоми судӣ дар Тоҷикистон ба сифати як шабакаи мураттаб ва ба ҳам алоқаманди мақомот муаррифӣ шудааст, ки ҳар кадоми он дорои хусусиятҳои

муайяни институтсионалӣ ва марҳилавӣ мебошанд. Омӯзиши таҳлилии унсурҳои мазкур имкон медиҳад, ки самтҳои дақиқи фаъолияти марҳилаҳои алоҳидаи судӣ, мавқеи он дар дохили силсиламаротиби судӣ ва нақши он дар кафил шудани ҳуқуқи конститутсионӣ дар ҳимояи судӣ муайян ва ошкор карда шавад.

Баррасии фаъолияти суд дар диссертатсия ду сатҳи таҳлилро дар назар гирифтааст: васеъ ва маҳдуд. Дар мафҳуми васеътар фаъолияти суд иҷрои тамоми ваколатҳои аз ҷониби қонун пешниҳодшудаи марбут ба татбиқи адолати суд ва тартиби ба он вобастаро, ки бо чунин категорияҳо, мисли ваколатҳо, муҳокимаҳо ва салоҳиятҳо алоқамананд, дар бар мегирад. Ба маънои маҳдудтар таваҷҷуҳ ба вижагии кори мақомоти судӣ дар доираи татбиқи адолат дода шудааст.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ва миёни ҳуқуқшиносон оид ба айнияти мафҳумҳои «адолат» ва «фаъолияти суд» ҳануз ҳам баҳс давом дорад.

Мафҳуми фаъолияти суд нисбат ба мафҳуми адолат васеътар аст, зеро он категорияҳои ҳуқуқиеро фаро мегирад, ки ба адолат мансуб нестанд, чунки дар фаъолияти судӣ метавонем вазифаҳои ёрирасон ва амалияи ҳуқуқтавзеҳдиҳии мақомоти болоии судиро ворид кунем. Дар чаҳорчуби низоми судии Тоҷикистон фаъолияти суд нақши муҳим дошта, василаи асосии амалисозии ҳокимияти судӣ мебошад. Ин раванд тавассути расмиёти гуногун, ки барои расидан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои муайяни дар санадҳои конститутсионӣ ва қонунгузорӣ дарҷгардида нигаронида шудаанд, амалӣ карда мешавад.

Сохтори ҳокимияти судӣ аз се таркиби асосӣ: Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, инчунин системаи судҳои тобеияти умумӣ, аз ҷумла Суди Олии иқтисодӣ ва судҳои иқтисодии минтақавӣ иборат аст.

Ҳар яке аз ин таркибҳои низоми судӣ дар асоси меъёрҳои конститутсионӣ фаъолият намуда, ваколатҳо ва

хусусиятҳои муайяни мақомотӣ дорад. Ҳадафи асосии он таъмини ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон мебошад. Бо вуҷуди он ки ҳар кадоми ин мақомоти судӣ мустақилона амал мекунанд, фаъолияти онҳо ба вазифаи ягонаи умумӣ – таъмини адолат ва ҳимояи манфиатҳои қонунии шахс нигаронида шудааст.

Ҳамчун унсури калидӣ дар низоми фаъолияти судӣ, мақомоти судӣ ба сифати суд ё воҳиди он, ки барои ҳалли парвандаҳои судӣ масъул аст, муайян карда мешавад. Ин раванд аз рӯйи моҳияти парванда қабули қарорҳо ва баррасии қонунии қарорҳои аз ҷониби судҳои дигар қабулшударо дар бар мегирад.

Барои таъйин намудани дараҷаи мақоми судии мушаххас ва ё маҷмуан низоми он, ҷанбаи муҳим мавқеи он дар марҳилаҳои судӣ мебошад, ки бо ваколатҳои мурофиавии он муайян карда мешавад. Ин чунин маъно дорад, ки омили асосӣ ваколати мақоми судӣ дар татбиқи адолат ва ҳамоҳангӣ бо дигар судҳо дар силсиламаротиби судӣ мебошад.

Ҷанбаи муҳимме, ки нақши мақомоти судиро дар таъмини ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ мушаххас месозад, силсиламаротиби судӣ мебошад, ки мавқеи судро дар низоми ҳуқуқӣ, ки бо ваколат ва мақоми мурофиавии он нисбат ба дигар мақомоти судӣ муайян карда мешавад, инъикос менамояд. Судҳои олимақом, аз ҷумла, Суди Олӣ ва судҳои вилоятӣ метавонанд аз болои фаъолияти судҳои поёнӣ назорати судӣ баранд.

Судҳои тобеияти умумӣ низоми ба ҳам алоқамандро ташкил медиҳанд, ки дар он ҳар як мақоми судӣ вобаста ба ваколати худ мавқеи муайян дорад. Судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор вазифаҳо, аз ҷумла баррасии парвандаҳоро ҳам ба сифати суди марҳилаи аввал, ҳам ба сифати суди марҳилаҳои шикоятӣ ва назоратӣ анҷом медиҳанд. Илова бар ин, онҳо ҳамчунин парвандаҳоро дар асоси ҳолатҳои нави ошкоршуда баррасӣ мекунанд.

Судҳои воломақом дар доираи низоми судӣ вазифаи ниҳоят муҳимми назорат бар фаъолияти судҳои поёниро иҷро намуда, ба ин васила волоияти ҳуқуқ ва адолатро дар амалияи судӣ таъмин менамоянд. Чунин назорат тавассути ду тартиби асосӣ амалӣ карда мешавад. Қабл аз ҳама, дар заминаи марҳилаи шикоятӣ таҳлили муфассали қарорҳои суд, ки ҳануз эътибори қонунӣ нагирифтаанд, бо мақсади тафтиши минбаъдаи мувофиқати онҳо ба меъёрҳои қонунгузорӣ, принсипҳои адолат ва асоснокии мантиқӣ гузаронида мешавад. Сониян, механизми назорат фаъол карда мешавад, ки дар доираи он санадҳои судии аллакай тасдиқшуда, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, бо мақсади тасдиқи қонунӣ ва асоснок будани онҳо бозбинӣ мегарданд. Чунин тартибот ба баланд бардоштани сифати кори суд мусоидат намуда, ба ин васила амнияти ҳуқуқӣ ва адолатро барои ҳамаи иштирокдорони мурофиаи судӣ кафолат медиҳад.

Ҳамин тавр, судҳое, ки ваколати баррасии парвандаҳоро дар марҳилаҳои шикоятӣ ва назоратӣ доранд, вазифаҳои муҳимми мурофиавиро иҷро мекунанд, ки барои таъмини ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ба ҳимояи судӣ нигаронида шудаанд. Ҳангоми баррасии парвандаҳо дар марҳилаҳои мазкур, суд дар сурати ошкор намудани вайронкунии меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ва мурофиавӣ, агар ҳангоми баррасии парванда дар суди марҳилаи аввал муайян карда шавад, санади ғайриқонунии судиро лағв карда, парвандаро барои баррасии дубора дар ҳайати суди дигар мефиристад ва ба ин равиш ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳои шахсро ба таври лозим таъмин менамояд.

Дар заминаи таҳқиқоти мазкур истилоҳи «ҳалқаи судӣ» ҳамчун дастгоҳи мураккаби муассисаҳои судӣ муайян карда мешавад, ки аз рӯйи мақоми ҳуқуқии худ ҳамгун карда шуда, дар шароити якхелаи мурофиавӣ қарор доранд ва дар доираи ҳудуди муайян ваколатҳои вазифавии якхела доранд. Дар чаҳорчуби ин мафҳумҳои

умумӣ сохтори судҳои тобеияти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар се сатҳ таркиббандӣ шудааст, ки ин сохтори маъмурию ҳудудии давлатро инъикос мекунад. Ин сохтори силсиламаротиб барои таҳлил ва дарки ташкили ҳокимияти судӣ дар минтақа замина мегузорад.

Дар банди чоруми боби аввал зери унвони «***Ҳамкории ҳокимияти судии Тоҷикистон бо шохаҳои дигари ҳокимияти давлатӣ***» мавзуи дар илми ҳуқуқшиносӣ мубрами ҳамкории мақомоти ҳокимияти судӣ бо шохаҳои дигари ҳокимият ва мақомоти онҳо таҳқиқ гардида, ҷойгоҳи ҳокимияти судӣ дар принсипи тақсимоти ҳокимиятҳо мушаххас карда шудааст.

Соҳаҳои таърихӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсии ташаккул ва рушди давлатҳои ҳозираи ИДМ бо сохти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои ҳамонанд ва тақрибан мақоми ҳуқуқии якхелаи ҳокимияти судӣ доранд.

Мубрамияти принсипи тақсимоти ҳокимияти давлатӣ аз он иборат аст, ки тамоми шохаҳои ҳокимият дар робитаҳои ба ҳам зич қарор дошта, умуман ҳокимияти ягонаи давлатиро ташкил медиҳанд ва фаъолияти онҳо бояд ба ҳалли вазифаҳои умумидавлатӣ, аз ҷумла ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд нигаронида шавад.

Бунёди низоми судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи принсипҳои ташкили функсионалии дохилию берунӣ амалӣ карда мешавад, ки ба ҳамкории мақомоти ҳокимияти судӣ бо дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, яъне, суд ва парлумон, суд ва ҳокимияти иҷроия бевосита таъсир мерасонад.

Муносибати миёни парлумон ва шохаи судии ҳокимият ду ҷанбаи асосиро нишон медиҳад, ки ҳар кадоми он бо вазифа ва ваколатҳои мақомоти қонунгузор алоқаманданд. Аввалан, ҷанбаи танзими ҳуқуқӣ раванде-ро фаро мегирад, ки дар доираи он парлумон санадҳои қонунгузориро пешниҳод, таҳия ва тасдиқ мекунад. Ин санадҳо сохтор, принсипҳои кор ва дастгоҳи ташкилии низоми судиро муайян мекунанд. Дувум, ҷанбаи сиёсати

кадрӣ тартиби ташаккули ҳайати мақомоти олии судии давлатро, аз ҷумла, Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян мекунад. Дар ин замина, парлумон вазифаи назорати кадриро бо ширкат дар интихоб ва таъйини судяҳо амалӣ менамояд, ки барои кафолати мустақилияти ҳокимияти судӣ ва суботи ҳуқуқӣ дар мамлакат хеле муҳим аст.

Муаллиф дар рисолаи таҳқиқотии худ такмил додани механизмҳои ҳамкории шохаҳои судӣ ва қонунгузории ҳокимияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо таваҷҷуҳ ба додани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба Суди Олӣ пешниҳод менамояд. Ин пешниҳод ба содатар кардани раванди мутобиқгардонӣ ва ислоҳи камбудиҳо ва ноҷуриҳои меъёрӣ дар қонунгузорӣ нигаронида шудааст, ки ба боло бурдани сифату самаранокӣ ва бунёди қонунгузорӣ мусоидат намуда, ба тамоми низоми ҳуқуқии кишвар таъсири мусбат хоҳад расонид. Муҳаққиқи рисола таъкид мекунад, ки дар амал татбиқ намудани ин иқдом як василаи таҳкими саҳми ҳокимияти судӣ дар рушди фазои ҳуқуқии Тоҷикистон мебошад.

Қисмати таҳлилии таҳқиқот нишон медиҳад, ки ҳамкории сохторҳои судӣ ва иҷроия дорои мураккабии бисёрсатҳа буда, ба самаранокии низоми судӣ таъсири муфид мерасонад. Дар асоси таҳлил муаллиф ба чунин хулоса меояд, ки барои ҳамкории мутаносиб ва самарабахши тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ҳамчун шарти таъмини суботи низоми конститутсионӣ, ки бевосита ба самаранокии фаъолияти низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд аст, зарурати ҷиддӣ ба миён омадааст.

**Боби дувуми** диссертатсия, ки ***«Асосҳои танзими ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти судҳои тобеияти умумӣ дар Тоҷикистон»*** номгузорӣ шудааст, аз чор банд иборат буда, ба таҳқиқи асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти судҳои тобеияти умумӣ дар Тоҷикистон, вижагиҳои танзими ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти судҳои

тобеияти умумӣ дар Тоҷикистон бахшида шуда, ҷойгоҳи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар танзими ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти судҳои Тоҷикистон ва инчунин асосҳои ҳуқуқии мақоми судя дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

Дар банди аввали боби дувум зери унвони ***«Асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти судҳои тобеияти умумӣ дар Тоҷикистон»*** таъйид карда мешавад, ки принсипҳо-меъёрҳои фаъолияти судӣ, ки Конститутсияи ҶТ муқаррар намудааст, аз ҷиҳати мазмун ва моҳияти худ ба унсурҳои асосие мансубанд, ки имкон медиҳанд ғояи минбаъдаи танзими ҳуқуқӣ, бандубаст ва фаъолияти он асоснок карда шавад.

Аз рӯйи хусусият ва мазмуни худ меъёрҳои Конститутсия асоси сохторбандӣ ва фаъолияти низоми судии давлатро ташкил медиҳанд ва ҳар яке аз ин меъёрҳо ҷанбаи алоҳидаи танзимро фаро мегиранд. Метавон онҳоро шартан ба навъҳои зерин тасниф кард: меъёре, ки мақоми ҳуқуқии ҳокимияти судиро дар низоми тақсими ҳокимияти давлатӣ муқаррар мекунад, меъёрҳои асосие, ки ташкил ва фаъолияти судҳоро муайян мекунанд, меъёрҳо-принсипҳои сохтории судӣ, меъёрҳо-принсипҳои мурофиаи судӣ, меъёрҳое, ки мақоми ҳуқуқии судяро ба танзим медароранд, меъёрҳои муқарраркунандаи ҳуқуқҳои шахсии марбут ба ҳимояи судӣ.

Бо мақсади беҳбуд бахшидан ба танзими ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти судҳои Тоҷикистон тавсия медиҳем, ки мақоми Суди Олӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми Суди Олӣ дарҷ гардида, ба боби 8 Конститутсия моддаи алоҳида дар таҳрири зайл ворид карда шавад: «Суди Олии Тоҷикистон мақоми олии суд оид ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ ва дигар парвандаҳо, судҳои тобеи судҳои умумӣ буда, ба фаъолияти судҳои поёнӣ дар шаклҳои мурофиавии пешбининамудаи қонун ва додани тавзеҳот оид ба

масъалаҳои амалияи судӣ назорати судиро татбиқ менамояд».

Дар банди дувуми боби дувум таҳти унвони ***«Вижагиҳои танзими ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти судҳои тобеияти умумӣ дар Тоҷикистон»*** таҳлили амиқи масири рушди заминаи қонунгузорӣ гузаронида шудааст, ки ҳамчун пояи қонунгузорӣ барои сохторбандӣ ва фаъолияти судҳои тобеияти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат мекунад. Таҳқиқоти мо равандҳои қабул, тағйирдиҳӣ ва лағви санадҳои қонунгузориро, ки ба фаъолияти низоми судӣ таъсир мерасонанд, фаро мегирад. Ошкор карда шуд, ки танзими ҳаматарафа ва муфассали ҳуқуқӣ омили калидии муайянкунандаи самаранокии адолат ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон мебошад.

Муаллифи рисола таъйид мекунад, ки заминаҳои ҳуқуқие, ки фаъолияти судҳои тобеияти умумиро ба танзим медароранд, маҷмуи аз лиҳози силсиламаротиб муташаккили санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ифода менамоянд. Ин санадҳо чаҳорчуби сохторӣ ва функсионалиро барои низоми судии Тоҷикистон муқаррар намуда, устуворӣ ва фавряти онро таъмин мекунанд.

Санади қонунгузорие, ки нақши марказиро дар муқаррар намудани қоидаҳои муфассали ташкил ва фаъолияти мақомоти судӣ мебозад, Қонуни конститутсионӣ мебошад, ки дар навбати худ равиши умумии кутоҳи танзими ҳуқуқи конститутсиониро ҷуброн намуда, дар силсиламаротиби санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ баъд аз Конститутсияи ҶТ ҷой гирифта, дар муҳтавои худ принсипҳои ташкил ва фаъолият, тартиби ташаккул, низоми судӣ, салоҳияти мақомоти судӣ, мақоми ҳуқуқии суд ва дигар муносибатҳои ҳуқуқиро муайян мекунад.

Фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки хусусияти истинодӣ доранд, масалан, меъёрҳое, ки судҳои зертобеи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба баррасӣ ва ҳаллу фасли

категорияи махсуси парвандаҳо ба сифати суди марҳилаи аввал муқаррар мекунанд, низ танзим карда мешаванд: қарорҳои Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ, шикоятҳои шахсоне, ки ба таври доимӣ хориҷ аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, шикоят аз амалҳои ғайриқонунии шахсони мансабдори намояндагиҳои дипломатӣ ё муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар бораи манъи фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, қарорҳо дар бораи эътирофи беэътибор ё воқеӣ донистани интихоботи Парлумон – Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра.

Баланд бардоштани самаранокии танзими ҳуқуқии фаъолияти судҳо ба муқаррароти зерин марбут аст: ифодаи комилтари моҳият ва мазмуни муносибатҳои ҳуқуқӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи ташкил ва фаъолияти мақомоти судӣ; такмили қонунгузории мурофиавӣ, ки судяҳо ҳангоми амалӣ сохтани адолат онро дастурамали кори худ қарор медиҳанд ва ин дар фаъолияти судӣ ҷойгоҳи хосеро дорост; мутобиқ намудани қонунгузории амалкунанда, ки ташкили ҳокимияти судиро бо мақсади таъмини мустақилият ва худмухторӣ танзим менамояд, бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ.

Ҳамин тариқ, муҳиммияти таҷдиди санадҳои қонунгузорие, ки марбути соҳаи судианд, бо мақсади баланд бардоштани сифати адолат ва тақвияти самаранокии механизмҳои ҳимоя, барқарорсозии ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии ашхос дар доираи низоми ҳуқуқии кишвар асоснок карда мешавад.

Барои танзими самараноки ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти судҳои тобеияти умумӣ дар Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда бояд дорои чунин вижагиҳо бошанд: асоснокии илмӣ, ки аз пажуҳишҳои назарӣ сарчашма мегирад;таъмини принсипи мустакилият ва мухторият дар амалӣ сохтани адолат; фароҳам овардани шароити зарурӣ, ки ба истеҳсолоти муассири

судӣ нигаронида шудааст; таҳкими заминаҳои ҳимояи ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шахс; сарфаҷӯӣ.

Дар банди севуми боби дувум, ки ***«Ҷойгоҳи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар танзими ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти судҳои Тоҷикистон»*** ном дорад, маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар соҳаи адолат оид ба таъмини ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд таъкид ва таҳлил карда шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ то имрӯз бисёр санадҳои ҳуқуқи байналмилалиро қабул ва ба тасвиб расонидааст, ки мақомоти судӣ дар татбиқи адолат онҳоро сармашқи кори худ мекунанд.

Гузашта аз ин, оид ба масъалаи мазкур Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қарори Пленумҳоро «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани санадҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст» аз 18 ноябри соли 2013, №9 ва «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалисозии адолат» аз 29 сентябри соли 2014, №5 қабул карда буд, ки дар он ба судҳо ҳангоми амалисозии адолат тавсия дода мешавад, ки мутобиқи қисми 3 моддаи 10 Конститутсия санадҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ маҳсуб мешаванд. Дар сурати номутобиқатии қонунҳои ҷумҳурӣ бо санадҳои эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мавриди истифода қарор мегиранд.

Муҳаққиқи рисола қайд мекунад, ки заминаи меъёрии фаъолияти мақомоти судӣ бояд ба меъёрҳои байналмилалӣ, ки бо маҷмуи санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва принсипҳои дар доираи раванди қонунгузорӣ расман қабул ва ба тасвиб расидаанд, мутобиқ бошад. Ҳуҷҷатҳои мазкур меъёрҳои бунёдии фаъолияти судҳо ва судяҳоро муқаррар намуда,

мустақилият, тахассус ва адолати онҳоро дар заминаи мурофиаи судӣ таъкид мекунанд.

Дар раванди фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ мақомоти судӣ ухдадоранд тартиби муқарраргардидаи ҳамгироии дурусти ҳуқуқи байналмилалиро риоя кунанд. Ин таҳлили ибтидоии муқарраароти умумии қонунгузорӣ, гузариши баъдӣ ба баррасии меъёрҳои махсусгардонида ва омӯзиши шартномаҳои байналмилалиро, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расидаанд, бавижа, қисмати марбут ба ҳолати ҳуқуқиро дар назар дорад. Қонунгузории миллӣ бо меъёрҳои байналмилалӣ бояд муфассал муқоиса карда шавад, мутобиқати онҳоро таъмин намуда, дар асоси ин муқоиса хулосаҳои асоснок бароварда шавад. Дар ниҳояти кор, ҳангоми ба расмият даровардани қарори суд ҳам меъёрҳои ҳуқуқи миллӣ ва ҳам ҳуқуқи байналмилалиро бо дарназардошти вижагиҳои парвандаи мушаххас ба ҳисоб гирифтан лозим аст.

Дар натиҷаи баррасии таҳлилии Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани санадҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст», ошкор гардид, ки таҷдиди он дар айни замон зарур аст. Муҳаққиқ пешниҳод мекунад, ки ба он аз тариқи ҳамоҳанг намудани феҳристи пурраи ҳуҷҷатҳои байналмилалии аз ҷониби давлат расман қабул ва тасдиқшуда барои таъмини татбиқи доимии онҳо дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ илова ворид карда шавад.

Дар банди чоруми боби дувум бо номи ***«Мақоми ҳуқуқии судя дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мафҳум ва моҳият»*** нақши ҳалкунандаи судя дар сохтор ва фаъолияти ҳокимияти судӣ таъкид шудааст. Мавқеи ҳуқуқии судя асоси таъмини принсипҳои калидии мурофиаи судӣ, аз ҷумла мустақилият, беғаразӣ ва дахлнопазирӣ мебошад. Ин ҷанбаҳо, дар навбати худ, ба самаранокии мурофиаи судӣ ва кафолати ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон таъсири бевосита мерасонанд.

«Мақоми судя аз муқарраароти зерин иборат аст: тартиби таъйинот, интихобӣ будан, бозхонд, сабукдуш кардан, истеъфо додан; масъулият барои беэҳтиромӣ нисбат ба суд; роҳ надодан ба мудохила дар фаъолияти суд; соҳибихтиёрӣ; таъмини амният; дахлнопазирӣ; иҷрои ҳатмии санадҳои судие, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд».

Ҳамин тариқ, мақоми ҳуқуқии судя аз маҷмуи унсурҳои ҳуқуқии комилкунандаи ҳам иборат аст, ки ба он ҳуқуқҳо, уҳдадориҳо, дахлнопазирӣ (кафолатҳо), масъулияти вобаста ба фаъолияте, ки онҳо ҳангоми татбиқи ҳокимияти судӣ анҷом медиҳанд, дохил мешаванд ва ин ба судя имкон медиҳад адолатро самаранок амалӣ намуда, адолати иҷтимоӣ ва қонуниятро дар ҷомеа таъмин созад.

Дар **боби севум**и диссертатсия таҳти унвони ***«Асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти судҳои тобеияти умумӣ дар Тоҷикистон»*** муаллиф ташкил ва фаъолияти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоятӣ ва суди ш. Душанберо таҳқиқ ва баррасӣ намуда, салоҳияти судҳои ноҳияҳо ва шаҳрҳои Тоҷикистонро оид ба таъмини ҳуқуқи инсон дар ҳимояи судӣ таҳлил мекунад.

Дар банди аввали боби севум бо номи ***«Моҳияти ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»*** мақоми ҳуқуқӣ, вазифаҳои асосӣ, сохтори ташкилӣ ва саҳми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини ҳуқуқи конститутсионӣ ба ҳимояи судӣ таҳлили амиқ гузаронида шудааст.

Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми ҳуқуқии кишвар мавқеи калидӣ дошта, нақши ҳомии асосии ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандонро иҷро мекунад. Аз тариқи ваколатҳои ба он додашуда суд на танҳо вазифаҳои адолатро, балки назорати судиро низ амалӣ намуда, инчунин ба ташаккул ва ҳифзи амалияи ягонаи судӣ, ки

дар тамоми қаламрави давлат ҳатмӣ мебошад, мусоидат менамояд.

Нақши функсионалии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо се самти асосӣ муайян карда мешавад, ки вазифаҳои онро ташкил медиҳанд ва ҷойгоҳи онро дар силсиламаротиби низоми судии давлат мушаххас мекунанд. Самти аввал аз баррасӣ ва ҳаллу фасли парвандаҳои категорияи махсус иборат аст, ки тибқи қонун зертобеи Суди Олӣ ҳамчун суди марҳилаи аввал маҳсуб мешавад. Самти дувум аз амалисозии вазифаҳои назоратӣ иборат буда, Суди Олӣ фаъолияти судҳои поёниро назорат карда, риояи қонунӣ ва саҳеҳии қарорҳои судро таъмин менамояд. Самти севум марбут ба фаъолияти ҳуқуқтавзеҳдиҳӣ мебошад, ки дар доираи он Суди Олӣ қонунгузории амалкунандаро тафсир намуда, ба татбиқи дурусти он мусоидат мекунад.

Инчунин, муаллиф назорати судиро чун яке аз вазифаҳои марказии Суди Олӣ таҳлили муфассал мекунад, ки ба назорат ва танзими фаъолияти мақомоти судии марҳилаҳои поёнӣ нигаронида шудааст. Ин вазифа ба таъмини самаранок ва ҳимояи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон дар доираи мурофиаи судӣ ҳадафмандона мусоидат карда, ҳимояи ҳуқуқиро дар тамоми зинаҳои низоми судӣ таҳким месозад.

Вижагиҳои асосии назорати судиро метавон ба тариқи зайл муайян кард:

1. Назорати судӣ соҳаи фарққунандаи судиро ташкил медиҳад, ки дорои вижагиҳои ба худ хос буда, тибқи қонунгузории мурофиавӣ вазифаҳои сирф танзимшавандаро иҷро менамояд.

2. Фаъолияти мазкур бо мақсади санҷиши қонунӣ ва асоснокии санадҳои судӣ, ки таҳлили танқидӣ ва арзёбии қарорҳои қабулкардаи судҳои марҳилаҳои поёниро фаро мегирад, амалӣ карда мешавад. Вазифаи асосии назорати судӣ аз таъмини қонунӣ ва адолати қарорҳои судӣ иборат

мебошад, ки он боиси таҳкими қонуният ва ислоҳи хатоҳои имконпазир дар мурофиаи судӣ мегардад.

3. Назорати судӣ тавассути ду шакли принсипиалӣ: баррасии шикоятӣ ва назоратии парвандаҳо амалӣ мегардад, ки ҳар яки он дар сохтори мурофиаи судӣ марҳилаи мустақил буда, бо усулу ҳадафҳои мушаххас муқаррар карда мешавад. Ин шаклҳо василаҳо барои таъмини мутобиқати санадҳои судӣ ба принсипҳои қонуният ва адолат буда, ба ин тариқ дар татбиқи пурратар ва воқеии адолати судӣ мусоидат мекунанд.

Дар банди дувуми боби севум зери унвони ***«Фаъолияти суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоятӣ ва шаҳри Душанбе»*** муаллифи рисола самтҳои асосии фаъолияти мақомоти судии вилоятӣ ва дигар мақомоти судии ба он баробарро баррасӣ карда, ҷойгоҳи онҳоро дар низоми судӣ нишон дода, нақши онҳоро дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои шахс муайян намудааст.

Моҳияти ҳуқуқии судҳои вилоятӣ ва дигар мақомоти судии ба онҳо баробарро таҳлил намуда, метавон чунин хулоса кард, ки онҳо судҳои зинаи миёна дар низоми судҳои тобеияти умумиеанд, ки аз болои фаъолияти судҳои зидахли ноҳия ва шаҳрҳои тобеи онҳо назорати судӣ мебаранд, инчунин парвандаҳои баъзе категорияҳоро дар марҳилаи аввал баррасӣ мекунанд. Судҳои вилоятӣ дар ҳудуди минтақаҳо мувофиқи тақсимоти маъмурию ҳудудии кишвар фаъолият намуда, дорои ваколатҳои якхелаи мурофиавӣ ва сохторҳои ҳамонанданд.

Дар доираи низоми судӣ судҳои вилоятӣ вазифаи асосиро иҷро мекунанд, ки он ислоҳи хатоҳои марҳилаҳои судҳои зинаи поёнӣ мебошад. Иҷрои вазифаи мазкур аз тариқи расмиёти баррасии парвандаҳои шикоятӣ ва назоратӣ сурат гирифта, ҳадаф аз онҳо пешгирии тафсир ва татбиқи ғайриқонунии меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ва мурофиавӣ, инчунин таъмини ҳамгунсозии амалияи судӣ мебошад. Фаъолияти судҳои вилоятӣ дар ин замина ба

татбиқи принсипҳои возеҳу равшани ҳуқуқӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон нигаронида шудааст.

Дар доираи ислоҳоти судию ҳуқуқӣ, ки дар Тоҷикистон гузаронида мешавад, пешниҳод менамоем дар низоми судҳои зинаи миёна як мақоми нави судӣ таъсис дода шавад, ки он бевосита ба ҳайси марҳилаи шикоятӣ ва назоратӣ нисбат ба судҳои шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ амал кунад.

Дар банди севуми боби севум бо номи ***«Салоҳияти судҳои ноҳияҳо ва шаҳрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»*** муҳаққиқ ҳолати ҳуқуқии судҳои ноҳиявӣ ва шаҳрӣ, самтҳои асосии фаъолияти онҳоро мавриди таҳқиқ қарор дода, ба фаъолияти суди марҳилаи аввал, ки ба таъмини ҳуқуқи конститутсионии инсон ба ҳимояи судӣ нигаронида шуда, ба сифати механизми муҳимми давлатии (судии) таъминкунандаи ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд зуҳур менамояд, таваҷҷуҳи махсус медиҳад.

Судҳои ноҳиявию шаҳрӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои шахс ба ҳимояи судӣ ҳамчун маҷмуи мақомоти судие мебошанд, ки дар низоми судӣ зинаи аввал (поён)-ро ишғол намуда, мустақиман дар ноҳияву шаҳрҳо мутобиқ ба тақсимоти маъмурию ҳудудӣ ташкил карда мешаванд ва ваколатҳои татбиқи адолат ба сифати суди марҳилаи аввалро, ки қонун ба души онҳо вогузор кардааст, иҷро менамоянд.

Дар дастуроти низоми судии Тоҷикистон ба судяҳои судҳои ноҳиявӣ ва шаҳрӣ ваколат дода шудааст, ки метавонанд ҳиссаи зиёди парвандаҳоро дар доираи салоҳияти худ баррасӣ кунанд. Ин парвандаҳо соҳаҳои гражданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ ва маъмуриро фаро мегиранд. Татбиқи адолати судӣ дар ин категорияҳои парвандаҳо ба фаъолияти ҳамаҷониба ва босамари низоми ҳуқуқии мамлакат мусоидат карда, ба ин васила иҷрои қонунҳо ва ҳалли одилонаи баҳсу низоъҳои ҷомеаро таъмин менамояд. Дар робита ба ин, пешниҳод мешавад, ки бо

роҳи тахассусонидани судяҳо оид ба категорияҳои алоҳидаи парвандаҳои судӣ ба амалияи судӣ тағйироти дахлдор ворид карда шавад. Ин таҷриба ба татбиқи беҳтар ва босифати адолат дар суди марҳилаи аввал ва таъмини ҳимояи судии самараноки ҳуқуқу озодиҳои инсон мусоидат хоҳад кард.

Дар ***боби чоруми*** таҳқиқот ***«Консепсияи муосири ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»,*** ки аз се банд иборат аст, ҳадафҳои асосӣ, вазифаҳо, муҳтавои ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон таҳлил гардида, ислоҳот ҳамчун шарти такмили ташкил ва фаъолияти судҳо мавриди баррасӣ қарор гирифта, муаллиф пешниҳод менамояд, ки самтҳои минбаъдаи қонунгузорӣ дар соҳаи ташкил ва фаъолияти сохторӣ-функсионалии судҳои Тоҷикистон рушд дода шавад.

Дар банди аввали боби чорум зери унвони «Ислоҳоти судиву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳадафҳо, вазифаҳо, муҳтаво» қайд шудааст, ки ҳолати ҳуқуқии ҳокимияти судӣ дар солҳои истиқлоли давлатии Тоҷикистон ба тағйироти сифатан ҷиддие мувоҷеҳ гардид. Ислоҳоти судҳо дар Тоҷикистон муназзам ва марҳила ба марҳила сурат гирифт. Мисли дигар фаъолиятҳо он ҳам бо қабули санади ҳуқуқии дахлдор марбут аст, ки дар муҳтавои худ барномаи ислоҳот, нақшаи гузаронидани чорабиниҳо, муҳлати иҷро ва ашхоси масъулро бевосита муқаррар менамояд. Ин пеш аз ҳама ба ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ дар мамлакат (солҳои 2007, 2011, 2015, 2019) вобастааст.

Имрӯз зарурати воқеии шарҳу тафсири амиқи таҳлилии чорабиниҳое, ки бо мақсади беҳсозии сохтор ва механизмҳои фаъолияти ҳокимияти судӣ амалӣ мегарданд, ба миён омадааст. Вазифаи асосӣ баҳогузорӣ ба дараҷаи ноил шудан ба ҳадафҳое мебошад, ки дар доираи барномаҳои ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ баён карда шудаанд. Ин баррасии муфассали ҳолати кунунии

адолатро бо тавաҷҷуҳ ба қобилияти он дар таъмини ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар назар дорад. Ислоҳоти судӣ, ки дар Тоҷикистон амалӣ мегардад, ҳадафу вазифаҳои худро дорад, ки бевосита ба таъмини худмухтории ҳокимияти судӣ ва мустақилияти судя, баланд бардоштани сифати татбиқи адолат, содагардонии мурофиаи судӣ ва боло бурдани эътимоди мардум нисбат ба мақомоти судӣ нигаронида шудааст.

Ҳадафи аслии ислоҳоти судӣ баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ мебошад. Ин ба амал баровардани маҷмуи тағйиротҳои сифатиро дар фаъолияти мақомоти мазкур, ки дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар карда шудаанд, дар назар дорад. Самти ин тағйирот таҳкими механизмҳои ҳимояи судии ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон мебошад, ки дар маҷмуъ ба баланд бардоштани самаранокӣ ва вокунишпазирии (реактивӣ) низоми судӣ мусоидат мекунад.

Ислоҳоти судиву ҳуқуқие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад, шартан ба чаҳор чорабинии маҷмуии мустақил тасниф карда мешавад: солҳои 2007-2010, 2011-2013, 2015-2017 ва 2019-2021. Ҳар яке аз ин чорабиниҳо дар таъсиси ҳокимияти судии мустақил ва худмухтор, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти судӣ нақши муҳим бозидаанд, зеро дар онҳо масъалаҳои мушаххас ва роҳҳои ҳалли он муайян карда шудааст, ки зина ба зина бинои ҳокимияти судиро мустаҳкам намуда, қонунгузории ташкил ва фаъолияти онро такмил додаанд.

Муаллиф дар асоси таҳлили муҳтавои ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ барномаҳои онро тасниф кардааст: такмили қонунгузорие, ки ташкил ва фаъолияти мақомоти судиро ба танзим медарорад, ислоҳоти сохтори мақомоти ҳокимияти судӣ, таҷдиди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.

Таҳқиқоти гузаронидаи мо аз он шаҳодат медиҳад, ки минбаъд ҳам ба идомаи корҳои такмили ҳокимияти судӣ

зарурат дорем, зеро ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ ҷузъи таркибӣ ва муҳимми ислоҳоти ҳуқуқи давлатӣ мебошад ва ҳокимияти судӣ бояд ба шароит ва тамоюлҳои муосири рушди ҷомеа мувофиқат кунад.

Дар банди дувуми боби чорум таҳти унвони ***«Ислоҳот ҳамчун шарти такмили ташкил ва фаъолияти судҳои Тоҷикистон»*** барномаҳои ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ, ки ҳукумат дар солҳои истиқлоли давлатӣ қабул намуда буду замина барои таҷдиди мақомоти ҳокимияти судӣ ва такмили фаъолияти судҳо гардидаанд, давра ба давра баррасӣ шудааст.

Бояд таъкид кард, ки дар раванди таҳаввулоти низоми судии Тоҷикистон тағйироти ҷиддӣ, аз ҷумла барҳам додани Шурои адлия ба амал омад. Ин мақом қаблан дар роҳандозии фаъолияти судҳо, идораи кадрҳо ва бо захираҳои моддию техникӣ таъмин намудани онҳо нақши калидӣ дошт. Имрӯз ин ваколатҳо ба души Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор шудааст.

Низоми судии Тоҷикистон ду зинаи назорат дорад. Зинаи аввал дар сатҳи судҳои вилоятӣ ва президиумҳои онҳо амалӣ карда мешавад ва зинаи болотар аз тариқи Суди Олӣ, ки фаъолияти тамоми судҳои тобеияти умумии мамлакатро ба воситаи коллегияҳои судӣ ва президиуми худ назорат мекунад, ба амал бароварда мешавад.

Ҳамин тариқ, муаллиф дар рисолаи таҳқиқотии худ яке аз мушкилоти асосии марбут ба раванди назорат, яъне, такрори амал ва тартиби воҳидҳои гуногуни сохтории як мақоми судӣ ё судҳои мухталифро ошкор кардааст. Ба андешаи муҳаққиқ, ихроҷ кардани судҳои вилоятӣ аз феҳристи мақомоти назоратӣ барои иҷрои вазифаҳои ҳокимияти судӣ, ки қонун муайян намудааст, натиҷаҳои мусбат ба бор хоҳад овард. Ҳамчунин, тағйироти мазкур ба коҳиш додани расмиёти бюрократӣ ҳангоми қабули қарорҳои ниҳоӣ оид ба парвандаҳои мушаххас мусоидат мекунад. Бояд таъкид кард, ки чунин иқдом аз кори

барзиёд дар фаъолияти мақомоти назорати судӣ низ пешгирӣ мекунад.

Суди Олии Тоҷикистон ва судҳои вилоятӣ ба сифати судҳои марҳилаи аввал салоҳияти якхела доранд. Вижагии асосии кори Суди Олӣ баррасии парвандаҳои ҷиноии махсусан вазнини дар ноҳияҳо ва шаҳрҳои тобеи ҷумҳурӣ содиршуда мебошад. Суди Олӣ дар доираи низоми судии Тоҷикистон вазифаи гуруҳи дувумро барои судҳои тобеи ҷумҳурӣ амалӣ менамояд.

Мутобиқи қонунгузории мурофиавӣ Суди Олӣ ва судҳои вилоятӣ дар баррасии парвандаҳои ҷиноӣ мақоми якхела доранд. Вале чунин бармеояд, ки ин амалия ба ваколат ва мақоми Суди Олӣ, ки бояд аз болои ҳамаи судҳои поёнӣ назорати судӣ барад, мувофиқат намекунад. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки барои ноҳия ва шаҳрҳои тобеи ҷумҳурӣ суди минтақавӣ таъсис дода, ба ин суд барои баррасии парвандаҳо қисман ваколатҳои намояндагӣ дода шавад.

Дар банди севуми боби чорум зери унвони «Самтҳои асосии рушди қонунгузорӣ дар соҳаи ташкил ва фаъолияти судҳои Тоҷикистон» муаллиф собит месозад, ки танзими ҳуқуқии пурра ва ҳаматарафаи фаъолияти суд яке аз унсурҳои асосии самаранокии ҳимояи судии ҳуқуқҳои шахс ба шумор меравад.

Таҷрибаи эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар кишварҳои рушдкардаи ИДМ (Иттиҳоди давлатҳои мустақил), аз ҷумла Тоҷикистон, аз самаранокии қабули консепсия ё барномаи мушаххаси ҳадафнок барои як давраи муайян, ки ба самти ислоҳоти фаъолият, таҷдиди ташкил ва такмили сохтории танзими ҳуқуқии хокимияти судӣ нигаронида шудааст, шаҳодат медиҳад.

Муҳаққиқ дар доираи таҳқиқоти худ ҳадаф ва вазифаҳои барномаи нави ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ дар Тоҷикистонро ба таври зайл пешниҳод менамояд: таъмини самарабахши адолат тавассути содагардонии тартиби

мурофиаи судӣ, тачдиди ташкили сохтории ҳокимияти судӣ, таъмини кори шаффофтар ва оммавии ҳайати суд.

Ҳамчунин масъалаи танзими ҳуқуқии адолат оид ба парвандаҳои оилавӣ ҳануз ҳалли пурраи худро наёфтааст. То имрӯз санади меъёрии ҳуқуқии дахлдори соҳавие, ки тартиби баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои оилавиро ба танзим дарорад, таҳия ва қабул нагардидааст, ҳарчанд аз ҷиҳати ташкилӣ ҳайатҳои судӣ оид ба парвандаҳои оилавӣ таъсис дода шудаанд: дар суди ВМКБ, дар вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, дар Суди Олии ҶТ.

Аз ҷониби муаллиф пешниҳод мешавад, ки Кодекси мурофиавии оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул карда шавад, ки дар он фаъолияти тамоми мақомоти судӣ оид ба баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои оилавӣ танзим гардида, принсипҳои асосии мурофиаи судӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокдорони мурофиаи судӣ муқаррар, тартиби баррасии парвандаҳои оилавӣ дар суди марҳилаи якум, тартиби шикоятӣ, назоратӣ ва ҳолатҳои нави ошкоршуда ва дигар масъалаҳои марбут ба амалисозии адолати судӣ муайян шудааст.

Муҳаққиқ пешниҳод мекунад, ки бо мақсади таъмини принсипи соҳибихтиёрӣ ва мустақилият Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маблағгузории судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия ва қабул карда шавад, ки дар он дарҷ намудани муқаррароти муҳим вобаста ба маблағгузории фаъолияти ҳокимияти судӣ, мустақилияти тақсимоти маблағҳое, ки давлат аз ҳисоби буҷет ҷудо мекунад, зарур аст.

Ба андешаи муҳаққиқ барои таъмини таҷрибаи ягонаи судӣ дар давлат, принсипи ягонагии низоми судӣ, сарфаҷуӣ, самаранокии идоракунии давлатӣ дар доираиислоҳоти судиву ҳуқуқӣ ва конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муттаҳид намудани Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад мебошад.

Дар **хулосаи** таҳқиқоти диссертатсионӣ муқаррароти асосӣ, хулосаҳо, дидгоҳҳои дар раванди таҳқиқот баёншуда ҷамъбаст гардида, корҳои илмии анҷомдода натиҷагирӣ карда шудааст.

## ХУЛОСА

Таҳқиқоти анҷомёфта, ки бо асосҳои назарӣ ва ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти судҳои тобеияти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваъз ва дурнамои такмили онҳо марбут аст, натиҷаҳои зеринро нишон дод:

1. Ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд яке аз шартҳои муҳим барои ҳифзи шахсият аз амалҳои ғайриқонунӣ мебошад, зеро суд механизмҳои махсуси таъмин намудани ҳимояи воқеии онҳоро дорад. Яке аз нишондиҳандаҳои муайян кардани дараҷаи демократии ҷомеа ва давлати ҳуқуқӣ маҳз самаранокии таъмини ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон тавассути ҳокимияти судӣ ва ҷойгоҳи он дар низоми тақсимоти ҳокимиятҳо аст. Мо чунин мешуморем, ки ҳимояи судиро метавон ҳам дар маънии васеъ ва ҳам дар маънии маҳдуд ҳамчун як равиши алоҳида дарк кард.

Дар маънии васеи калима, ҳимояи судӣ як падидаи ҳуқуқии мураккаб, як мафҳуми гуногунпаҳлу ва новобаста ба соҳаи муайяни ҳуқуқ мебошад. Дар ҳар сурат, ҳимояи судӣ, ҳамчун восита ва механизми ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, дар ҳамаи соҳаҳои қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон пешбинӣ шудааст. Умуман, ҳимояи судӣ амалиётҳое мебошад, ки ба татбиқи адолати судӣ ва фаъолияти низоми судӣ равона шудааст.

Дар маънии маҳдуд, ҳимояи судиро бояд ҳамчун муносибатҳои ҳуқуқӣ байни инсон ва давлат ба назар гирифт, ки дар он ҳар як шахс метавонад барои ҳимоя, барқарор кардани манфиатҳои худ ба мақомоти судӣ муроҷиат кунад, давлат бошад, дар симои шахси ваколатдори ҳокимияти ҷудогона – суд – вазифадор аст, ки

тадбирҳои мувофиқи қонунро барои таъмини онҳо қабул кунад.

Институти мазкур як қатор амалҳои мураттабро фарогир аст, ки аз ҷониби мақомоти судӣ дар раванди баррасӣ ва ҳаллу фасли масъалаҳои ҳуқуқӣ амалӣ карда мешаванд, аз ҷумла татбиқ ё бекор кардани тадбирҳои мурофиавӣ, баровардани қарорҳои судӣ ё ҳукмҳо, инчунин қабули чораҳо барои таъмини иҷрои даъво.

Маҳз барои ҳамин, дар намунаи консепсияи пешниҳодшуда, ҳимояи судӣ на танҳо ҳамчун маҷмуи амалҳои мурофиавӣ, ки тибқи муқаррароти қонун аз ҷониби мақомоти судӣ анҷом дода мешаванд, балки ҳамчун институти комили ҷомеаи ҳуқуқӣ, ки тавассути фаъолиятҳои махсуси муассисаҳои судӣ дар чаҳорчубаи шаклҳо ва усулҳои қонунгузорӣ амал мекунад, баррасӣ мешавад. Ба андешаи унвонҷу, чунин як муносибат имкон медиҳад, ки табиати иҷтимоии ҳуқуқии консепсияи ҳимояи судиро ба таври мукаммалтар фаҳмид ва нақши бунёдии онро дар таҳкими давлати ҳуқуқӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ таъкид кард [3-М, 13-М, 20-М, 21-М, 23-М].

2. «Ҳимояи судӣ» дар матни таҳқиқоти мазкур ҳамчун низоми муносибатҳои ҳуқуқии байни инсон ва давлат муаррифӣ мешавад, ки дар он ҳар шахс ҳақ дорад барои ҳимоя ё барқарор кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои вайроншудаи худ ба мақомоти судӣ муроҷиат кунад ва давлат дар шахси суд бояд чораҳои тибқи қонун пешбинишударо барои таъмини онҳо қабул кунад. Ин равиш нақши марказии судро дар механизми татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои шахс таъкид мекунад ва кафолати ҳуқуқӣ медиҳад, ки инсон аз имкони нақзи ҳуқуқаш аз ҷониби мақомоти давлатӣ ё шахсони дигар муҳофизат карда шавад [3-М, 25-М, 26-М, 27-М].

3. Муроҷиати ашхос ба суд бо мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо бояд ҳамчун усули калидии муҳофизат ва барқарор кардани онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда шавад. Дар баробари ин, тибқи

қонунгузории миллӣ ҳимояи судӣ дар асоси тобеияти дақиқ муқарраршудаи парвандаҳо ба мақомоти мушаххаси судӣ сурат мегирад. Ин равиш саҳеҳият ва пешомади интихоботи мақомоти судиро таъмин намуда, ба ҳимояи воқеии ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон мусоидат карда, яке аз механизмҳои асосии татбиқи принсипи волоияти қонун мебошад [3-М, 14-М].

4. Низоми судҳои тобеияти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ниҳодҳои калидии давлати ҳуқуқӣ мебошад, ки дар амал татбиқ кардани барномаи ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро на танҳо тавассути иҷрои намудҳои анъанавии мурофиаҳои судии кишвар (ҷиноӣ, гражданӣ, оилавӣ, инчунин парвандаҳо оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ), балки дар раванди иҷрои вазифаҳои умумидавлатӣ таъмин менамояд. Ин вазифаҳо иборатанд аз: тарбияи ҳуқуқӣ, маърифатӣ ва баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути дигар шаклҳо ва усулҳо, ки аз анъанавӣ фарқ мекунанд ва дар рафти татбиқи адолати судӣ истифода мешаванд.

Татбиқи чунин шаклҳои маърифативу тарбиявии фаъолият, ки судҳои тобеияти умумии кишвар иҷро мекунанд, аҳаммияти иҷтимоии ҳокимияти судиро васеъ мекунад ва дар баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба низоми ҳуқуқи давлатии кишвар кумак мерасонад [14-М, 15-М, 24-М, 33-М].

5. Судҳои тобеияти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар механизмҳои таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ва суботи иҷтимоии давлат ба сифати як унсури муҳим дар низоми тақсимоти ҳокимият ва ҳамкорӣ бо шохаҳои ҳокимияти қонунгузорӣ ва иҷроия, инчунин бо институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мавқеи асосиро ишғол мекунанд. Вазифаи асосии ҷамъиятӣ ва давлатии судҳои тобеияти умумӣ – ин ҳалли одилонаи ҳолатҳои мухталифи мунохишаҳо дар майдони ҳуқуқӣ аст, ки миёни шаҳрвандон, шаҳрвандон ва давлат, инчунин миёни мақомоти гуногуни давлатӣ ба

вуҷуд меояд, ки мутобиқи меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳо сурат гирифта, ҳамзамон мувозинати манфиатҳоро дар ҷомеа ва фаъолияти самараноки давлат таъмин мекунад. Дар баробари ин татбиқи адолати судӣ ва фаъолияти судҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқ ба риояи қатъии принсипҳои қонуният, беғаразӣ ва обйективизм асос меёбад. Ҳадафи ниҳоӣ ва умумии чунин ҳамкории судҳо, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ташкили шароити рушди устувор ва мутаносиби ҷомеа ва умуман давлат мебошад [3-М, 12-М, 13-М].

6. Дар рафти таҳқиқот муайян карда шуд, ки ҳамкориҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳокимияти судиро метавон ба ду гурӯҳи алоҳидаи ба ҳам айниятдошта ҷудо намуд, ки бо маҷмуи ваколатҳое, ки шохаи қонунгузори ҳокимияти давлатӣ дорост, марбутанд. Пеш аз ҳама, ин муносибатҳое мебошанд, ки аз танзими ҳуқуқӣ бармеоянд, яъне таҳия ва қабул кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки муносибатҳои ҳуқуқиро дар соҳаи ташкил ва фаъолияти судҳо, тартиби интихоб, таъйин, баргардондан ва озод кардани судяҳо ва дигар муносибатҳое, ки ба фаъолияти ташкилию ҳуқуқии мақомоти судӣ ва судяҳо дахл доранд, муқаррар ва танзим мекунанд. Гурӯҳи дуюм аз ташкили худи ҳокимияти судӣ бо роҳи гузаронидани назорати кадрии парлумонӣ иборат аст, ҳарчанд ин ваколат хусусияти интихобӣ дорад, зеро дахолат кардани шохаҳои қонунгузорӣ ва иҷроияи ҳокимият ба кори мақомоти судӣ манъ аст [3-М, 12-М].

7. Дар доираи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлол модели (амсилаи) гуногунпаҳлуи муносибатҳои байни мақомоти судӣ ва шохаи иҷроияи ҳукумат ташаккул ёфт, ки бо санадҳои қонунгузории ба он мувофиқ танзим мешавад. Лозим ба ёдоварист, ки ин муносибатҳо дар муқоиса бо ҳамкории ҳокимияти қонунгузор бино бар гуногунии сохтор ва механизмҳои фаъолияти мақомоти иҷроия бо мушкилоти бештар фарқ

мекунанд. Ин ба зарурати беҳтар кардани танзими қонунгузорӣ ва шаклҳои ташкилии назорат, ки барои тақвияти мустақилияти шохаи судии ҳокимият, таъмини принсипи ҷудоии ҳокимият ва пешгирии эҳтимоли доминирунии сохторҳои иҷроия дар татбиқи адолати судӣ кумак мекунанд, оварда мерасонад [3-М, 13-М].

8. Таҳлили ҳамкории мақомоти судӣ бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ваколатҳои президентӣ на танҳо дар таъмини фаъолияти мувофиқашудаи институтҳои ҳуқуқи давлатӣ, балки дар ташкили ҳайати судяҳо – соҳибони бевоситаи ҳокимияти судӣ низ аҳаммияти муҳим доранд. Сарвари давлат тавассути пешниҳоди номзадҳо ба мансаби судяҳо дар муассисаҳои судии баландпояи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъйини мустақилонаи судяҳои мақомоти судии поёнӣ бо пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бевосита ба ин раванди мураккаб таъсир мерасонад [1-М, 3-М].

9. Принсипҳои ҳуқуқи конститутсионии ҳокимияти судӣ меъёрҳои бунёдие мебошанд, ки дорои баландтарин қудрати ҳуқуқианд. Мақсади аслии онҳо таъмини фаъолиятҳои самараноки судҳо барои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аст. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ исбот карда мешавад, ки маҷмуи принсипҳои конститутсионӣ барои ташаккули моҳият ва хусусияти фаъолияти судӣ аҳаммияти муҳим дорад ва он дар низоми судҳои тобеияти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мукаммал нишон дода шудааст. Муаллифи рисола таснифи аслии ин принсипҳоро бар асоси вижагӣ ва самти вазифавии онҳо пешниҳод карда, онро ба чаҳор гурӯҳ тақсим менамояд:

– принсипҳои универсалии ташкил ва фаъолияти мақомоти давлатӣ, ки ба он принсипи қонуният, волоияти қонун, амали мустақими Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шакли фаръии сохтори давлатӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро дохил кардан мумкин аст;

– принсипҳои махсус, ки асоси фаъолияти судиро муайян мекунанд ва ба ин гурӯҳ адолати судӣ, таъмини ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ, презумпсияи бегуноҳӣ, ошкорбаёнии мурофиаи судӣ, коллегиалӣ ва фардияти баррасии парвандаҳо, забони мурофиаи судӣ, баҳсу мунозира ва баробарҳуқуқии тарафҳо, муҳокимаи судии бевосита ва шифоҳӣ дохил мешаванд;

– принсипҳои махсус, ки ташкили ҳокимияти судиро ба танзим медароранд ва ба ин гурӯҳ метавон принсипи амалӣ кардани адолати судӣ танҳо тавассути суд ва қабули қарор аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мустақилият ва тобеият танҳо ба Конститутсия ва қонунҳои кишвар, мустақилияти судяҳо, мустақилияти мақомоти судӣ, манъи таъсиси судҳои фавриро дохил кард.

– принсипҳое, ки мақоми ҳуқуқи конститутсионии судяҳоро ҳамчун намояндагони махсуси ҳокимияти судӣ муайян мекунанд ва ба ин гурӯҳ принсипи мустақилияти судяҳо, манъи дахолат дар фаъолият, принсипи таъйин, озод ва мутаваққиф кардани мақоми судяҳо, масъулияти судяҳо ва инчунин дахлнопазир будани онҳо дохил мешаванд.

Ин гуна таснифи принсипҳо, ба андешаи муаллифи рисола, равиши мукаммал ва бонизомро барои муайян кардани моҳияти ҳокимияти судӣ ва намояндагони мустақими он – судяҳо таъмин мекунад, ки он имкон медиҳад, то нақшу ҷойгоҳи онҳоро дар сохтори давлат ва ҳаёти ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дақиқ муайян намоем [1-М, 3-М, 6-М, 12-М].

10. Мақоми ҳуқуқи конститутсионии судяҳо бояд ҳамчун як категорияи ҳуқуқии мукаммал, ки унсурҳои муттаҳидсозандаи ба ҳам алоқаманд ва якдигарро комилкунандаи ҳуқуқҳо, уҳдадориҳо, масуният (кафолат) ва масъулияти судяҳоро дар бар мегирад, ба назар гирифта шавад. Маҳз чунин як муносибати бонизом самарабахшӣ, беғаразӣ ва истиқлоли судяҳоро дар амалишавии ваколатҳо ва вазифаҳои иҷтимоии давлатӣ дар таъмини

адолати судӣ, риояи қонуният ва дастгирии адолати иҷтимоӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон таъмин мекунад. Дар баробари ин мутаносибӣ ва мувозинат миёни мустақилияти судяҳо ва масъулияти онҳо дар назди ҷомеа ва давлат як модели (амсилаи) дурусти ҳокимияти судиро ташкил медиҳад, ки ба афзудани эътимод ба адолат ва таҳкими принсипи қонуният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад [3-М, 12-М, 35-М].

11. Таҳлили гузаронидаи мо дар таҳқиқоти рисола гувоҳи дарки амиқ ва бонизоми меъёрҳо ва стандартҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар раванди сохтмони давлатӣ ва ташаккули низоми судҳои тобеияти умумии Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад. Дарҷи онҳо дар қонунгузории миллӣ, авлавияти созишномаҳои тасдиқшудаи байналмилалӣ бар санадҳои дохилидавлатӣ, инчунин пайравӣ кардан ба принсипҳо ва меъёрҳои байналмилалии эътирофшуда дар татбиқ ва ташкили фаъолияти судӣ ба беҳтар шудани мустақилият, беғаразӣ ва адолат дар мақомоти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад. Гузашта аз ин, сатҳи баландтари ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар низоми судҳои тобеияти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба талабот ва тамоюлҳои ҷаҳонӣ мувофиқ мебошад, таъмин мегардад, инчунин садоқати давлат ва ҷомеаро ба арзишҳо ва принсипҳое, ки ҳуқуқи инсонро волотарин мешуморанд, тасдиқ мекунад [2-М, 3-М, 8-М, 10-М].

12. Дар раванди муҳокимаи категорияҳои гуногуни парвандаҳо, аз ҷумла парвандаҳои граждании, оилавӣ, ҷиноятӣ ва парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, судяҳои судҳои тобеияти умумӣ бояд ба санадҳои байналмилалӣ, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, муроҷиат кунанд. Муҳимтар аз ҳама, давлат ба судяҳо тавсия медиҳад, ки дар иҷрои адолати судӣ принсипҳо ва меъёрҳои умумиэътирофи ҳуқуқи байналмилалиро, ки тибқи қонунгузории кишвар қабул ва тасдиқ шудаанд, ба назар гиранд [3-М, 36-М].

13. Ҳангоми қабули қарорҳо судяҳои судҳои тобеияти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкони истифодаи меъёрҳо ва принсипҳои мутобиқ ба ҳуқуқи байналмилалиро доранд ва дар баробари ин тартиб ва қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунро риоя мекунанд. Ин барои таъмини риояи меъёрҳои байналмилалии адолати судӣ ва нигоҳ доштани принсипҳои қонуният дар фаъолияти судҳо аҳаммияти калон дорад [3-М, 36-М].

14. Судҳои тобеияти умумӣ принсипҳо ва меъёрҳои умумиэътирофи ҳуқуқи байналмилалиро истифода мебаранд, агар дар қонунгузории дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойи холӣ вуҷуд дошта бошад [3-М, 36-М].

15. Низоми судии Тоҷикистон як сохтори маҷмуии ташкили судҳо мебошад, ки тибқи Конститутсия ва Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян карда шуда, аз зерсистемаи мустақил иборат аст ва механизми муҳимми ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шахсро дар бар мегирад. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ мавҷудияти сохтори иерархӣ дар низоми судҳои тобеияти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи тартиби муқарраргардида дарҷ шудааст, ошкор ва илман асоснок карда шудааст, ки дар доираи он мақомоти судӣ бо истифода аз ваколатҳои худ барои таҳкими ҳамаҷонибаи қонуният ва таъмини адолати иҷтимоӣ, ки дар Конститутсия ҳамчун вазифаи асосии судҳо эълон шудааст, ҳамчун низоми ягонаи судӣ якҷоя амал мекунанд [2-М, 3-М].

16. Ба андешаи муаллиф, аломати фарқунандаи иерархия дар он аст, ки вобаста ба гузариш ба мақомоти баландпояи судӣ, ваколатҳои онҳо васеъ мешаванд, инчунин аҳаммияти вазифаҳои назоратӣ ва ташкилию тақсимотии онҳо зиёд мегардад. Чунин равиш эътибори муттасил ба тақсимоти муфиди ваколатҳоро таъмин ва шаклгирии механизмҳоеро, ки барои ҳамоҳангии кори судҳо дар сатҳҳои гуногун кумак мерасонанд, таъмин мекунад [11-М].

17. Сохтори силсиламаротиб (иерархӣ) дар низоми судҳои тобеияти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо чун принсипи асосии ташкилӣ мебошад, ки якпорчагии амалҳои судиро таъмин мекунад ва ба сифати иҷрои адолати судӣ таъсир мерасонад, балки як кафолати муҳим барои татбиқи консепсияи ҳуқуқи шахс барои ҳимояи судӣ тавассути имконоти таҷдиди қарорҳои мустақилона ва воқеъбинонаи судҳои поёнӣ мебошад [18-М, 29-М].

18. Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳад, ки Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун суди мақоми аввал барои категорияҳои парвандаҳои махсусан муҳим ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ зарур, инчунин ҳамчун суди кассатсионӣ ва назоратӣ барои аксари парвандаҳо, ки ба низоми судҳои тобеияти умумӣ ворид мешаванд, фаъолият мекунад, мақоми марказиро дар сохтори бисёрқабатаи судҳои кишвар ишғол менамояд. Ваколати Суди Олӣ аз доираи адолати судии анъанавӣ берун аст ва шомили ваколатҳои ташкилӣ, моддӣ-техникӣ ва кадрӣ нисбат ба ҳамаи мақомоти судии поёнӣ мебошад. Ин модел бозбинии пайдарпайи парвандаҳоро аз мақоми дараҷаи аввал то шикояти кассатсионӣ ва назоратӣ таъмин менамояд, маҷмуи вазифаҳои судӣ ва маъмурии Суди Олӣ бошад, имкон медиҳад, ки фаъолияти тамоми низоми судҳои тобеияти умумӣ ҳамоҳанг карда ва устувории ҳуқуқии ҷумҳурӣ тақвият дода шавад [1-М, 4-М, 5-М, 15-М, 16-М, 22-М, 34-М].

